ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКСИТОН

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот

# ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ
# ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ


Мураттибон:

*Раҳимов Д., Қличева Н., Зубайдов А. Муҳаммадиев Ҳ., Муродов М., Обидпур Ҷ. Қодиров Ф., Аминов А., Холмуродов З.*

Сармуҳаррир Раҳимов Д.



Душанбе – 2014

# Пешгуфтор

Мутобиқи «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои  солҳои 2013-2020», ки дар таърихи 31 майи соли 2012, №263 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, зарурати тартибу таҳияи Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ ба миён омадааст. Соли 2003 Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба Ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ қабул шуд ва то ба имрӯз кишварҳои зиёде, аз ҷумла Тоҷикистон (с. 2010) шомили он гашта, намунаҳои беҳтарини фарҳанги ғайримоддии худро дар феҳристҳои ЮНЕСКО сабт кардаанд. Ҳар як кишвар вазифадор аст, ки намунаҳои фарҳанги моддию ғайримодӣ ва табиъии сарзамини худро ҳифз кунад. ЮНЕСКО ба кишварҳо дар самтҳои роҳнамоӣ, муаррифӣ ва ҳифз мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои мутамаддини ҷаҳон буда, дорои фарҳанги суннатии қадимтарини моддиву ғайримоддӣ мебошад.  Барои ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии мардуми тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурӣ тадбирҳои оқилона ва саривақтӣ меандешад. Таҳия ва тартиб додани Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ  яке аз қадамҳои устувори ҳимоят, таблиғ ва густариши намунаҳои фарҳанги миллӣ ба шумор меравад.

Соли 2010 нусхаи аввалини  Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик тартиб дода шуд, ки он 48 унсурро дар бар мегирифт. Яке аз шартҳои феҳрист ин буд, ки он бояд дар ҳар 4 сол як бор таҷдид шавад. Инак соли 2014 нусхаи нисбатан мукаммали он аз ҷониби фарҳангшиносон, мардумшиносон ва дигар  мутахассисони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот тартиб дода шуд.  Он нахуст дар ҷаласаи Шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи мазкур бо иштироки олимон, аҳли фарҳанг, намояндаҳои касбу ҳунарҳои гуногун баррасӣ гашта, баъзе эроду пешниҳодҳо ба назар гирифта шудаанд.

Феҳристи такмилёфта барои ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар ҳудуди кишвар, инвентаризатсияи унсурҳо, таҳқиқоти илмӣ, дар шакли номинатсия пешниҳод кардан ба феҳристҳои ЮНЕСКО, таблиғ ва густариши намунаҳои пураҳмияти фарҳангӣ барои таҳкими ҳувияти миллӣ замина ва воситаи хубе ба шумор меравад.

Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

Бахши 1. Анъанаи шифоҳӣ – A000.

Бахши 2. Ҳунарҳои иҷроӣ – B000.

Бахши 2. Ҷашну маросимҳо – C000.

Бахши 3. Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ – D000.

Бахши 4. Касбу ҳунарҳо – E000.

Бахши 6. Хӯрокҳои миллӣ – E000.

Ҳар як намунаи фарҳанги ғайримоддӣ дар Феҳрист мувофиқи бахшҳояш рақамгузорӣ шудааст, чунончи, шумораи афсона “A001” мебошад. Дар идома номи унсур (бо муродифҳояш) зикр шуда, тавсифи мухтарасари унсур оварда мешавад. Сипас маҳалли густариш, дар кадом ноҳияву вилоят ва ҳатто деҳаҳо маъмул будани унсури матлуб зикр ёфтаанд. Дар сутуни охири Феҳрист вазъи имрӯзаи унсури фарҳангӣ, ки он дар кадом ҳолат қарор дорад: фаъол, нимфаъол, дар ҳолати азбайнравӣ ва ғайра ишора шудааст. Феҳрист айни ҳол 286 номгӯйи намунаҳои фарҳанги ғайримоддиро аз ҳудуди Тоҷикистон фаро гирифта, дар оянда боз такмилу таҷдид хоҳад ёфт.

Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар ҷаласаи коллегияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 10.04.2014 баррасӣ гаштааст.

# ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

## Бахши 1. – Анъанаи шифоҳӣ (А000)

| № | Номи унсур ва истилоҳоти дигар | Тавсифи мухтасар | Маҳалли густариш | Вазъи имрӯзаи унсур |
|---|---|---|---|---|
| А001 | АФСОНА, *қисса, шӯг* | Жанри ҳамосавии фолклори тоҷик. Як навъ ҳикояҳои насри шифоҳӣ, ки мазмунҳои рамзию тамсилӣ, сеҳромезӣ ва саргузаштию маишӣ доранд ва бунёди сужети онҳоро ҳодисаҳои бофтаю хаёлӣ ва тасвирҳои фантастикию ғайриоддӣ ташкил медиҳанд. Афсона навъҳои сеҳромез, тамсилӣ, ҳаҷвӣ, маишӣ, ишқӣ-романтикӣ ва саргузаштӣ дорад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| А002 | АЛЛА, *лалайик* | Суруди навозишӣ, ки ҳангоми хобонидани кудак аз тарафи модар ва ё ягон шахси наздик хонда мешавад. Мазмуни сурудҳои алла аз орзуву омоли модар, тавсиф ва меҳрубонии тифл иборат мебошад. Дар Бадахшон онро *лалайик* меноманд | Саросари кишвар | Фаъол |
| А003 | АЛПОМИШ | Эпоси қаҳрамонии қавму халқҳои турктабор, ки версияҳои мухталиф дошта, аз ҷиҳати пайдоиш ба давраҳои қадим, давраҳои модаршоҳӣ ва қабилавӣ мансуб аст. Нусхаи тоҷикии он дар байни сокинони водии Зарафшон низ ба қайд гирифта шудааст. Дар варианти тоҷикӣ баъзе мотивҳои ҳамосаҳои тоҷикӣ мушоҳида мешавад. | Водии Зарафшон | Ғайрифаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A004 | АШӮЛА, *тарона* | Жанри хурди манзуми фолклори тоҷик. Он аз чор мисраъи кӯтоҳ таркиб ёфта, асосан дар вазни ҳиҷоӣ эҷод карда мешавад. Мисраъҳои ашӯла назар ба байту рубоӣ хеле кӯтоҳанд. Ашӯла истилоҳи халқист ва гӯяндаи онро "ашӯлачӣ" меноманд, ки дар забони гуфтугӯии тоҷикони вилоятҳои Хуҷанду Конибодом, Фарғона, инчунин дар шаҳр ва маҳалҳои атрофи Самарқанд маълум ва машҳур мебошад. Дар илми фолклоршиносӣ ба ҷойи "ашӯла" истилоҳи "тарона" бештар ба кор меравад. | Хуҷанд, Конибодом | Нимфаъол |
| A005 | БАЙТ | Навъи хурди лирикӣ, ду мисраъи манзум, ки аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба ҳам алоқаманд аст. Баъзан мардум зери мафҳуми "байт" умуман, шеър ё сурудро дар назар доранд. Дар байни мардум байтҳои сершуморе мавҷуданд, баъзеи онҳо аз жанрҳои рубоиву дубайтӣ ва ғазалҳо канда шудаанд ва баъзеи дигарашон мустақилона эҷод шудаанд. | Вилояти Суғд, водии Зарафшон, қисман Хатлон | Нимафаъол |
| A006 | БУЛБУЛИК | Яке аз навъҳои лирикаи мардумии хоси сокинони Бадахшон (ба забони вахӣ) мебошад. Булбулик аз се мисраъ иборат буда, баробарвазнии мисраъҳо на дар ҳамаи матнҳо риоя мешавад. Мисраъҳо, асосан, аз шаш – ҳафт ҳиҷоӣ таркиб меёбанд. Қофиябандиаш ба тарзи А, Б, А аст. | Водии Вахон | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A007 | ГӮРҒУЛӢ | Эпоси анъанавии халқи тоҷик. Вариантҳои он дар байни мардумони Осиёи Марказӣ, Кавказ, Шарқӣ Наздик асрҳои зиёд маълуму машҳур гашта аст. Нусхаи тоҷикии он дар шакли назм (вазни омехта) мавҷуд буда, бо думбра иҷро мешавад. Дар нусхаи тоҷикӣ бар хилофи версияҳои туркӣ қаҳрамони асосӣ Аваз аст, на Гӯрғулӣ. Мазмуну ғояи эпосро ҳимояи ватан аз ғосибон, дастгирӣ ва ҳимояти синфи меҳнаткаш, ободсозии шаҳру кишвар, муборизаи некӣ ва бадӣ ташкил медиҳад. | Вилояти Хатлон, водии Рашт | Дар ҳоли нобудшавӣ |
| A008 | ДАРГИЛИК | Навъе аз назми лирикии фолклори Бадахшон. Онро ба маънии пазмонӣ чун суруди махсуси модарон ва ошиқон низ маънидод мекунанд. Даргиликҳо бештар дар байни ҷавонон маъмул буда, мазмунҳои ишқӣ-романтикӣ доранд. | Шуғнон, Рӯшон | Фаъол |
| A009 | ДУБАЙТӢ | Яке аз машҳуртарин ва қадимтарин жанрҳои хурди лирикии фолклори тоҷик ба шумор меравад. Дубайтӣ бо рубоӣ умумияти зиёд дошта, танҳо аз нигоҳи вазн фарқ мекунад. Инчунин навъҳои себайтӣ ва чорбайтиро низ фолклоршиносон ба қайд гирифтаанд. | Саросари кишвар | Нимфъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A010 | ДУО | Як навъи калом дар адабиёти шифоҳӣ, ки дар шаклҳои ҳам манзум ва мансур баён мегардад ва аз лиҳози мақсаду муроди гӯянда ва контекст навъҳои гуногун дорад. Дар рӯзгори мардуми тоҷик дуо вобаста ба вазоифи он, эътибору таъсирнокии сухан ва арзиши муҳими иҷтимоӣ доштанаш хеле зиёд ба кор меравад. Дуоҳо вобаста ба ҳадафу мазмун ва мавриди гӯиш намудҳои зиёд доранд: дуои фотиҳа ё кушоиши кор, дуои сари дастурхон, дуои сафар, дуои хоси маросимҳо, дуои хатми Қуръон, дуои пас аз намоз, дуои муборакбодӣ, дуои хайр ба арвоҳ, дуои табобатӣ, дуои пеш аз хоб, нӯшбод ва ғ. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A011 | ЁДДОШТ, *хотира, нақл* | Жанри бадеии шифоҳӣ, ки дар асоси ҳодисаҳои мушаххаси ҳаёти воқеӣ эҷод мешаванд. Гӯянда ва ё ровӣ асосан дар бораи воқеаҳо ва рӯйдодҳое нақл мекунад, ки ӯ онҳоро бо чашми худ дидааст ва ё аз сараш гузаронидааст. Масалан, фолклоршиносон ёддоштҳоро дар мавзӯъҳои воқеаҳо ва рӯйдодҳои солҳои аввали Ҳокимияти Шӯроҳо, душвориҳои сохтмони колхозу совхозҳо, ҳуҷуми босмачиҳо ба шаҳру ноҳияҳо, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маҳви бесаводӣ, низоъҳои шаҳрвандӣ ва ғайра сабт намудаанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A012 | ЗАРБУЛМАСАЛ, *матал, масал, мақол* | Зарбулмасал матни муҷази аз нигоҳи семантикию грамматикӣ устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум хулоса шудаанд. Мардум дар гуфтори худ кӯшиш менамоянд, ки дар мавридҳои муайян, барои тасдиқи фикру суханони хеш ва инчунин барои ороиши гуфтори худ зарбулмасалҳоро баён кунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A013 | ИДӢ | Порчаҳои шеърие, ки дар шаклҳои гуногун чун рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва фардбайт аз тарафи мударрисону шахсони босавод пеш аз ҷашни Наврӯз, идҳои Қурбон, Рамазон ва моҳи Раҷаб ба муносибати ба таътил баромадани шогирдон дар коғазҳои махсус навишта мешуданд. Дар мадрасаҳо ва мактабҳои шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор идиҳо дар байни аҳолӣ зуд паҳн гашта, ба истифодаи доираи умум қарор мегирифт. Баъзе идиҳоро оммаи мардум эҷод кардаанд. То ба имрӯз нусхаҳои зиёди идиҳо сабт ва нашр гаштаанд. | Дар шаҳрҳои тоҷикнишин | Ғайрифаъол |
| A014 | ҚАСАМ, *савганд* | Қасам матни шифоҳиест, ки гӯянда бо талаффузи он дуруст будани ақидаеро, ё худ гунаҳкор набудани худро собит месозад. Дар мундариҷаи қасамҳо мазмунҳои асотирӣ, эътиқодӣ, маишӣ ва бадеӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, қасам хӯрдан ба офтоб ва осмон ба ақидаҳои меҳрпарастии ориёиҳо рафта мерасад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A015 | ҚИССА | Қисса яке аз навъҳои насри шифоҳии фолклори тоҷик мебошад, ки дар адабиёти хаттӣ низ мавқеъ дорад. Дар мундариҷаи он силсилаи ҳодисаҳои бофтаву таърихӣ ва саргузашту корнамоиҳои шахсони мӯътабари динию мазҳабӣ ва қаҳрамонҳои ормонии мардум дар замону макони муайян тасвир мегарданд. Дар байни мардуми тоҷик қиссаҳо аз рӯзгори паёмбарон, оид ба корнамоиҳои Амир Ҳамза, ҳазрати Алӣ, имом Ҳусайн, авлиёву малоик ва инчунин тасвири биҳишту дӯзах ҳикоят карда мешаванд, ки бегумон аз адабиёти динии китобӣ маншаъ гирифтаанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A016 | ЛАТИФА, *нақли Афандӣ* | Яке маъмултарин жанрҳои насри шифоҳии тоҷик аст, ки мазмуни ҳаҷвӣ ва моҳияти танқидӣ дорад. Латифаҳо бо мақсади саргармӣ, фароғат ва хушҳол кардани мардум гуфта мешаванд. Дар мазмуни аксари латифаҳо камбудиҳои фардию ҷамъиятӣ танқид ва фош карда мешаванд. Дар латифаҳо ду-се нафар персонаж иштрок мекунанд ва муносибати онҳо бештар тавассути муколама сурат мегирад. Қаҳрамони асосии латифаҳои тоҷикӣ Насриддин Афандӣ ва Мушфиқӣ мебошанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A017 | МАЙДА, *майдо* | "Майда" суруди меҳнатиест, ки аз пушти галагов ҳангоми кӯфтани гандуми даравида аз ҷониби хирманкӯб суруда мешавад. Чун кори хирман сангин аст, кишоварз якмаром аз қафои говони корӣ ҳаракат мекунад, барои хаста нашудани худ ва говони корӣ суруд мехонад. Сурудҳои «Майда» матни муайян надоранд. Он тавассути нақарот аз жанрҳои гуногуни назми шифоҳӣ таркиб меёбад. Майдо бештар дар минтақаҳои марказӣ ва ҷануби Тоҷикситон маъмул мебошад. | Хатлон | Ғайрифаъол |
| A018 | МАРСИЯ, *нола, сугворӣ* | Як навъи сурудҳои халқӣ, ки мазмуни ғамангез ва ҳузновар дошта, бахшида ба фавти шахси наздик, ҷудоӣ аз ёру диёр ва ғурбат эҷод мешавад. Дар аксари марсияҳо ҳодисаҳои воқеӣ, муносибатҳои одамон ва факту рақамҳо бозтоб шуда, онҳо аҳамияту арзиши таърихӣ доранд. | Саросари кишвар | нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A019 | МАСАЛ<br>(ҳикояти тамсилӣ) | Масал як навъ ҳикояи хурдест, ки мазмуни ахлоқию пандомезӣ ва тасвирҳои рамзноку тамсилӣ дорад. Масалҳо метавонанд мустақил бошанд ва ё дар дохили асари ҳамосавии дигаре дар шакли назм ё наср ҷой гиранд. Дар масалҳо ҷонварон ва ашё ба сифтаи персонаж фаъолият мекунанд ва баъзеи онҳо ба афсонаҳо дар бораи ҳайвонот монанд мебошанд. Масалан, масалҳои «Рӯбоҳ ва ангур», «Гург ва Лакалак» ва ғ. | Саросари кишвар | нимфаъол |
| A020 | МУАММО,<br>*масъала, чистон* | Муаммо чунин асари насрии фолклори тоҷик мебошад, ки ба суолу ҷавоб асос ёфтааст. Дар фолклори тоҷик матнҳои зиёде мавҷуданд, ки дар мундариҷаашон суолу масъалае баён мегардад ва аз шунаванда посухи он масъала талаб карда мешавад. Ин гуна матнҳо ба жанри чистон монанд мебшанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| A021 | МУХАММАС | Мухаммас чунин жанри адабиёти китобӣ ва шифоҳӣ аст, ки аз бандҳои панҷмисрагӣ таркиб ёфтааст. Дар назми шифоҳии тоҷик намунаҳои мухаммас низ дучор мешаванд, ки бештари онҳо аз адабиёти хаттӣ ба фолклор гузаштаанд. Баъзе шоирони халқӣ низ мухаммас эҷод кардаанд. Мухаммасҳо бештар дар мардуми босавод ва аҳолии шаҳрҳо ба назар мерасад. | Дар шаҳрҳо | Ғайрифаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A022 | НАҚЛ, *ҳикоя, ривоят* | Нақл ба насри шифоҳӣ мансуб аст, ки аз нигоҳи шаклу ҳаҷму сохтор ва дарбаргирии ҳодисаву персонажҳо ба ҳикояти китобӣ монанд мебошад. Дар нақл бештар он ҳодисае баён мешавад, ки иштирокчии он ё худи гӯянда аст ва ё ягон шахси муайяни (бештар дар қайди ҳаёт) ба гӯянда шинос мебошад. Дар байни мардуми тоҷик оид ба муҳити ҳар маҳал, рӯйдодҳои муҳими он ҷой, мазору зиёратгоҳҳо, шаҳру деҳот, гузарҳо, чашмаҳо, ғорҳо, кӯҳҳо, ёдгориҳои меъморӣ, шахсиятҳои бузурги таърихӣ – шоирону нависандагон, донишмандон, қаҳрамонон ва ғайра нақлҳои бисёре мавҷуданд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A023 | ПАНД, *насиҳат, андарз* | Он матнҳое, ки характери ахлоқию тарбиявӣ дошта, дар ҳаҷми як-ду ҷумла баён мешаванд. Дар байни мардум ин гуна матнҳоро бо калимаҳои *насиҳат, панд* ва як қисмашонро бо таъбири *кори савоб* ифода мекунанд. Мундариҷаи пандҳо аз талқин кардани ин ё он кори нек ва ё накӯҳиш кардани рафтори бад иборат мебошад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A024 | РИВОЯТ, *қисса* | Ривоят як навъ ҳикояи адабиёти шифоҳӣ буда, дар бораи ин ё он ҳодиса, номи маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсони таърихию асотирӣ ва пайдоиши ашёву растаниҳо ва ҷонварон маълумот медиҳад. Нишонаи асосии ривоятҳо хусусияти иттилоотии онҳост, ки гӯянда ва қисман шунавандагон ба ҳақиқат будани ин маълумот бовар доранд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A025 | РУБОӢ, *дубайтӣ*, | Маъмултарин шакли назми шифоҳии мардуми тоҷик буда, дар адабиёти китобӣ низ мавқеи барҷаста дорад. Он аз чор мисраъ иборат буда, вазну қофиябандии муайян дорад. Рубоиҳо дар мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, васфи табиат, ҷудоиву ғарибӣ, никоҳи маҷбурӣ, камбағалӣ, шикоят аз зулми иҷтимоӣ, масоили гуногуни маишӣ ва ғайра эҷод шудаанд. Аксари эҷодкорони рубоиёти нав духтаракон ва ҷавонзанҳоянд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A026 | САЛОМНОМА | “Саломнома” як навъ суруди анъанавии ҷашну тӯйҳои арӯсии тоҷикон, ки ба муносибати қадам ниҳодани арӯс ба хонаи домод аз тарафи наздикони арӯс иҷро карда мешавад. Он дар шаҳру ноҳияҳои баъзе мавзеъҳои тоҷикнишини вилояти Фарғона, ва тоҷикони Бухорову Самарқанд, вилояти Қашқадарё маъмул буда, ҳамчун суруди муборакбодӣ маъруфу машҳур аст. | Вилояти Суғд, водиҳои Зарафшону Ҳисор | Нимфаъол |
| A027 | СЕБАЙТА, *себайтӣ* | Себайта як навъи назми шифоҳӣ дар фолклори тоҷик мебошад, ки аз се байт иборат буда, дар мавзӯъҳои ишқию лирикӣ ва иҷтимоӣ эҷод шудааст. Бисёр себайтаҳо дар асоси рубоиву дубайтиҳо эҷод шудаанд ва аз нигоҳи мазмуну мундариҷа бо онҳо муштарак мебошанд. | Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A028 | СУРУД, *ашула, ҳофизӣ, шеър, кӯчабоғӣ* | – яке аз жанрҳои машҳуру серистеъмоли фолклори тоҷик мебошад, ки дар контексти ҷашнҳои мавсимию иҷтимоӣ, ҷашни арӯсӣ, маросимҳои шодӣ, нишасту маҳфилҳо ва дигар мавридҳо корбурди зиёд дорад. Суруд чунин жанри маъмули фолклори тоҷик мебошад, ки аз матнҳои манзуми гуногуннавъ иборат буда, бо оҳанг сароида мешавад. Яъне матнҳои он сохтору шакли ягона надоранд, онҳо аз дигар жанрҳои манзум ба мисли рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, ғазал, анвои мусамматҳо (мусаллас, мураббаъ, мухаммас), таркиббанду тарҷеъбанд, қитъа ва ғайра таркиб меёбанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A029 | ТЕЗГӮЯК | Тезгӯяк як навъ жанри хурди фолклори тоҷик аст, ки асосан аз як ҷумла иборат буда, овозҳои таркиби калимаҳои он ба ҳамдигар монанд ва қисман ҳаммахраҷ мебошанд, ки ба шахси талаффузкунанда мушкилӣ меорад. Мас., «шасту шаш асп аз ман аст». Ё худ: «ёли аспам лойолуд». Тегӯякҳо нутқи атфолро буррову равон карда, қувваи зеҳн ва хотираро қавӣ месозанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A030 | УСТУРА (миф) | Устура як навъи ҳикояест дар бораи офариниши оламу одам, худоёну фариштагон, нахустқаҳрамонҳо, қувваҳо ва ҳодисаҳои табиат ва пайдоиши ин ё он ҷонвару гиёҳ, ҷирмҳои осмониву ашёи заминӣ ва ғ. Дар фолклори тоҷик бисёр устураҳо онҳо ба қиссаву афсонаҳо, ривоятҳо ва ҳикояҳои асотирӣ табдил ёфтаанд. Махсусан, афсонаҳои сеҳромезро як навъ идомаи асотири бостон шуморидан мумкин аст, ки дар мундариҷаи онҳо персонажу намодҳое чун *аждаҳо, парӣ, дев, ҷин, алмастӣ, ғул, шайтон* ва амсоли инҳо фаъолият мекунанд. | Саросари кишвар | Ғайрифаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| A031 | ЧИСТОН | Чистон жанри хурди фолклори тоҷик буда, дар он навъи фолклорӣ номи ягон ашё, гиёҳ, ҷонвар, аъзои бадани инсон, ҷисму маъданҳо, ҳодисаҳои табиат ва ҷирмҳои осмонӣ ва ғ. бо маҷозу киноя пинҳон карда мешавад ва гӯянда аз шунаванда чӣ будани он мафҳуми ниҳонро мепурсад. Матни чистон аз савол ва ҷавоб иборат аст. Чистонҳои халқӣ чанд намуд доранд: чистонҳои манзум, насрӣ, риёзӣ, чистон-афсона ва чистон-булбулон ва ҳар як навъ хусусият ва нозукиҳои худро дорад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| A032 | ШОИРӢ | Навъе аз сурудҳо, ки аслан, аз ҷониби ҳофизони ширинкор дар Бадахшон ва дорои табъи баланди шеърфаҳм бадоҳатан сароида мешаванд. Онҳое, ки дар гуфтани ин навъи шеър-суруд истеъдоди комил доранд, онҳоро «шоиригар» мегӯянд. | Бадахшон | Нимфаъол |

# ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

**Бахши 2. – Ҳунарҳои иҷроӣ (B000)**

| **№** | **Номи унсур ва истилоҳоти дигар** | **Тавсифи мухтасар** | **Маҳалли густариш** | **Вазъи имрӯзаи унсур** |
|---|---|---|---|---|
| B001 | АРҒИШТИ ЗАНАКӢ,<br>*«Бозӣ ба муқоми занакӣ»* | Арғишти занакӣ – рақси мазҳакаомез мебошад, ки дар байни мардҳо паҳн гардидааст. Марди раққос либоси занона (курта, пойҷома) пӯшида, сарашро бо латтаи калон ё руймол пӯшонда, бо як нӯги рӯймол қисман рӯяшро мепушонад. Ӯ ҳаракатҳои рақси занонаро шӯхиомез тақлид намуда, дар рафти рақс ноз мекунад, ба баъзе мардҳо меҳрубонона менигарад, чашмак мезанад. | Кӯлоб | Нимфаъол |
| B002 | АРҒИШТИ МАРДАКИН,<br>«*Мардинабозӣ*» | «Арғишти мардакин» рақси шӯхиомез, онро занҳо дар муҳит ва маъракаи занона иҷро мекунанд. Раққоса ҷома мепӯшад, салла мебандад, ҳаракатҳои рақси мардонаро тақлид мекунад: қадамҳои калон-калон мегузорад, ҳаракатҳои тез ва ҷасуронаро, ки ба рақси мардона хос аст, иҷро мекунад. Ин рақс зери оҳанги мазҳакаомез ё дар навозиши дойра иҷро мегардад. | Кӯлоб | Нимфаъол |
| B003 | АРҒИШТИ МАСХАРАБОЗӢ | Арғишти масхарабозӣ – як навъ рақси мазҳакаомез мебошад, ки онро ҳам мардон ва ҳам занон иҷро мекунанд. Иҷрокунандаи рақс нуқсонии ҷисмони баъзе одамон: танбалӣ, фарбеҳӣ, лангидан ва ғайрарро мазҳакаомез танқид мекунад. Дар ин хел рақсҳо имову ишора мақоми хосе дорад. Баъзе иштироккунандагон | Водии Кӯлоб, Ғарм, Панҷакент, Истравшан | нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ҷомаи кӯҳна мепӯшанд, дар сарашон салларо ба тарзи хандаовар мебананд, ба рӯяшон сиёҳии дег ё ранг мемоланд. Баъзе занҳои шӯх пӯстинро чаппа карда, дар он чанд дона зангӯла мебананд. Сипас ин пӯстинро пӯшида, телпаки безеброро дар сар мегузоранд, аз пашми буз риш месозанд, ба рӯяшон сиёҳӣ мемоланд. | | |
| B004 | АРҒИШТИ ОШПАЗӢ | Арғишти ошпазӣ рақси занона аст, ки дар тарзи таҳия ва пухтани оши бурида таҷассум меёбад. Иҷрокунанда бо куртаи дароз, дар сараш рӯймоли васеъ партофта, нисфи поёни рухсорашро бо рӯймоли дигар пинҳон медорад. Тахтачӯб, тираки ошбурӣ, латта, дегро ба тарзи шартӣ тасвир мекунад. Рақси «Арғишти ошпазӣ» ба жанри рақсҳои маишӣ тааллуқ дорад. Мардҳо низ баъзан ин рақсро бо тариқи ҳаҷв иҷро мекунанд. | Кулоб<br>Водии Рашт | нимфаъол |
| B005 | АСПАКБОЗӢ,<br>*аспаксаворӣ* | Аспакбозӣ як рақси қадимаи мардонаи тоҷикӣ мебошад, ки сюжети онро тасвири хусусияти аспсаворӣ ва бозии асп ташкил медиҳад. Дар рақси аспакбозӣ як нафар мард, ду нафар – марду зан ё гурӯҳи раққосон иштирок мекунанд. Аз чӯб каллаи аспро тарошида, ба он гӯш, чашм месозанд, ёлу дум мечаспонанд. Ин бозиро дар ҷашни Наврӯз, тӯйҳо ва маъракаҳои хурсандӣ иҷро менамуданд. Аспакбозӣ дар Бадахшон бештар дар тахти оҳанги «Рапо» *(«Раҳпой»)* иҷро карда мешавад. Навозандагон даф ва рубоб менавозанд. Баъзан ба ин созҳо ғижжак, най, сетор низ ҷӯр мешаванд. Дар аспакбозӣ унсурҳои лирика, мазҳака, пантомима ва сирк ба ҳам | Водии Ҳисор, Бадахшон | нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | омезиш ёфтаанд. | | |
| B006 | «БОБОПИРАК»,<br>*«Пирак», «Пирабозай», «Пиракбозӣ»* | Намоиши «Бобопирак» аз суруду рақс ё худ драмаи халқии мусиқӣ иборат мебошад. Дар он ду марди ҳаваскор ва чанд дойрадастон ва нақротчиён иштирок мекунанд. Аз ду мард яке нақши Бобопирак ва дигаре роли занро мебозанд. Бобопирак ба рӯяш ниқобе мепӯшад, ки аз чӯбкаду ё пӯсти буз сохта мешавад ва ҷои чашму даҳон сурох аст. Иҷрокунандаи роли зан либосҳои идонаи занона ба бар карда, нисфи поёни рӯяшро бо рӯймол мепӯшад ва рӯймоли дигареро ба сар мегирад. Онҳо бонавбат рубой хонда, ҳар дафъа баъди анҷоми он хиромон ба рақс медароянд, саҳнаро як давр зада, ҷои худро иваз мекунанд. Қисми асооии намоишнома, яъне байтбарак зимни эҳсосот базлагӯӣ, ҳозирҷавобӣ, табъи шоирӣ ва ҳаяҷони қаҳрамононро ифода менамояд. | ВМКБ,<br>Кӯлоб | нимфаъол |
| B007 | БОЗИИ КАЛОН | «Бозии калон» яке аз рақсҳои идона мебошад, ки тахти навои доира иҷро карда мешавад. Зарбҳои идонаи дойра тантанавор аз суръати миёна ба тез навохта мешаванд. Рақси «Бозии калон» дар идҳо, тую маракаҳои оилавӣ ва идҳои халқӣ аз тарафи мард ва зан иҷро мегардад. Иҷрокунанда | Вилояти Суғд Водии Зарафшон, | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дар вақти  рақс ҳаракатҳои гуногуни дасту по, чархзанӣ, қарсақзанӣ ва ғайраро иҷро мекунад. Пайкари иҷрокунанда ҳама вақт дар ҳолати гуногун мебошад: нимхам, рост, дар як зону, рост ва чап ва ғайра. Мард бо ҳарақатҳои китф ва дастон дар як ҷо истода ҷасурӣ, ҳунармандиро нишон медиҳад. | | |
| В008 | БОҒБОН,<br>*Духтари боғбон* | «Боғбон» - арғушти яккаи мардона  ва «Духтари боғбон»- яккаи рақси занона буда, дар таҳти навои доира  иҷро мешавад. Мазмуни ин рақс ҷараёни меҳнати боғбонро  дар ҷамъ намудани ҳосили меваи боғро нишон медихад. Дар рақс боғбон бо сабад пайдо мешавад. Ӯ сабадро монда ба тамошои боғ меравад. Вақте  ки боғбон дарахтони меваро мебинад, хурсанд мешавад ва гирди дарахтони пур аз меваҳои пухта мерақсад. Сипас  ба ҷамъ намудани меваҳо шуруъ мекунад. Дар рақс иҷрокунанда ҳаракатҳои меҳнатии боғбонро тақлид карда, бо маҳорати баланд онҳоро иҷро мекунад. | Водии Кӯлоб | нимфаъол |
| В009 | БУЗБОЗӢ | Бузбозӣ - пантомимаи рақсии мардона буда, тахти оҳанги «Рапо» иҷро мегардад.  Онро ду мард иҷро мекунанд: чӯпон ва буз. Мазмуни ин саҳнача корҳои чупониро ифода менамояд. Буз гум мешавад ва чӯпон онро мекобад. Тамошобинон бузро пинҳон мекунанд ва чупон ба ҷустуҷӯ медарояд. Иҷрокунандаи буз ҳаракатҳои онро моҳирона ва каме шухиомез тақлид мекунад. | ВМКБ | нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B010 | ГИРЯ, *гира* | Гиря рақси сугвории занона бо навҳагӯйии модар, бевазан, хоҳарон дар маросими азодорӣ иҷро мешавад. Рақсро зан, хоҳарон, хола ва аммаҳои шахси фавтида иҷро мекунанд. Онҳо либоси азодорӣ: маҳсӣ, куртаи кабуд, хилъати сиёҳи бо фӯтаи кабуд баста шуда ва рӯймоли кабуд дар сар доранд. Ракс танҳо дар рӯзи аввал, то баровардани мурда иҷро мешавад. Раққоса диккак нишаста, пойҳояшро ҷафс гузошта, онҳоро сахт-сахт дар замин мекӯбаду гоҳ-гоҳ ба тарафи рост ва ба тарафи чап ҳаракат мекунад, илова бар ин ӯ як дасти аз оринҷ нимқат шудаашро то ба дараҷаи китф бо навбат мебардорад. | Яғноб, Ҳисор | нимфаъол |
| B011 | ГУЛБУТА *Гулбегимҷон* | Гулбута - суруди рақсӣ мебошад. Раққосон ва мутрибон онро дар авҷи тафсидани раксҳо иҷро менамуданд. Суруди «Гулбута» аз чорбайтҳо иборат аст. Ҳофиз ва навозанда як чорбайтро иҷро мекунанд, дигарашро раққос ракс карда месарояд. Ҳамин ки ӯ як байтро ба итмом расонид, ҳофизон нақароти ӯро такрор мекунанд, раққос бошад ба рақсидан шуруъ менамояд. Баъди сароидани се-чор байт раққосаҳо баробар «Ҳой барокалло, качкуло» гуён қарсак мезананд. | Ноҳияҳои Ванҷ, Язгулом, Рӯшон | нимфаъол |
| B012 | ГУРГБОЗӢ, *аргишти гург* | Гургбозӣ ё «Арғишти гург» имову ишораҳои ҳайвони дарандаеро тасвир мекунад. Раққоса таҳти навозиши дойра хам шуда, пайдо мешаваду гурги гуруснаро нишон медиҳад. | Кӯлоб | Дар ҳолати азбайнравӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B013 | ДАШНОБОДӢ | Рақси «Дашнободӣ» - рақси қадимавии тоҷикон, таҳти навои доира бо ритми мусиқии 6/8 иҷро мешавад. Зарбу усули ин рақс бо ҳаракатҳои гуногуни раққосон бо суръати тез ифода меёбад. Ин рақсро ҳам занҳо ва ҳам мардон иҷро мекунанд. Ҳаракатҳои дастҳо, зарби пойҳо, ҳаракатҳои пайкар, чарххҳои гуногун аз хусусиятҳои ин рақс мебошанд. Рақс дар тӯю маракаҳои мардумӣ иҷро мешавад. Дастаҳои ҳаваскорони санъат ва санъати касбии рақсӣ онро дар барномаҳои консертӣ иҷро мекунанд. | Водии Ҳисор | Фаъол |
| B014 | ДИЛАК | Дилак- рақс дар таҳти суруди «Дилак» иҷро мегардад. Дар аввал ду-се дойрадаст нақаротро баланд месароянд.<br>Сипас яккахон рубоие сароида, аз паси он ҳамин нақаротро илова менамояд, баъд онро нақаротчиҳо ҷӯр шуда месароянд. Яккахонҳо нишаста месароянд, ё худ ҳаракатҳои на чандон мураккаби рақсиро иҷро мекунанд. Ҳамин тавр, ҳофизон сурудро бо рақс паи ҳам иҷро мекунанд. Рақси мазкур дорои унсурҳои бадеҳа мебошад. | ВМКБ | Нимфаъол |
| B015 | ДОРБОЗӢ | Навъи санъати анъанавӣ, ки дар болои банди аз ду тараф дар сутунҳо баста иҷро мешавад. Дастаи дорбозон аз 2-3 нафар дорбоз, 3-4 навозанда, 2 масхарабоз иборат буд. Дастаи дорбозчиён дар иду ҷашнҳои халқӣ, тӯй ва хатнасурҳо бо барномаҳои рангин ҳунарнамоӣ мекарданд. | Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B016 | ДРАМАИ ХАЛҚӢ | Як навъ санъати анъанавӣ-саҳнавии халқи тоҷикист Таҳиягарон ва иҷрокунандагони нақшҳои драмаи халқӣ аксаран ҳамон масхарабозон ва ширинкороне буданд, ки дар маҳали буду боши худ бо ҳамин ном шӯҳрат афкандаанд ва эҳтиёҷоти аҳли хонаводаи худро аз ҳамин раҳгузар таъмин менамуданд. Намоишҳои драмаи халқӣ ҳамчунин зери осмони кушод, дар ҳавлиҳои алоҳида, боғҳо, бозорҳо ва растаҳои пуродами шаҳрҳо ва амсоли инҳо доир мешуданд. | Саросари кишвар | Дар ҳоли аз байн рафтан қарор дорад. |
| B017 | ДОСБОЗӢ | Дар ракси «Досбозӣ» ҷараёни дарав тасвир шуда, он бо олоти меҳнати деҳқон – дос иҷро мешавад. Ин ракс мардона буда, иҷрокунанда оҳиста дар майдон пайдо мешавад ва досбозиро бо ҳаракатҳои дастҳо нишон медиҳад. Баъд шишта ба дарав шуруъ мекунад. Сипас аз ҷой хеста пеш меравад ва бо дастои кушод ба тарафи рост ва тарафи чап чарх мезанад, дар як ҷо чархи миён мекунад. Раққос бо либоси миллӣ: тоқии гирди кӯлобӣ, ҷелак, куртаи сафеди милли, шими сиёх, муза – ро пӯшида, рақсро иҷро менамояд. | Муминобод, Кӯлоб | Дар ҳолати аз байнравӣ |
| B018 | ЗАНГБОЗӢ | Зангбозӣ асари рақсию мусиқӣ буда, аз силсилаи суруду рақсҳо иборат мебошад. Оҳанги мусиқии ин рақс бо зарбу усулҳои гуногуни шавқовар ва ҷалбкунанда иваз мешаванд. Сурудҳои «Як дона марворид», «Ширинзабонам, мӯрчамиёнам», «Ҳай, нозанин, имрӯз шумо ба сайли гулзор омадед» ва ғайра пайдарпай иҷро мегарданд.. Зангулачаҳои биринҷӣ бо ду қатор дар миёнбанд ва тасмаи банди дастон ва пойҳо баста | Панҷакент, Шаҳринав, Турсунзода | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | мешаванд. Иҷрокунанда моҳирона зангӯлачаҳоро чунон зебо ва устокорона истифода мебарад, ки ҳамеша дар рафти рақс оҳанги форами ҷарангоси саршори он бо зарби дойра тамошобинонро ба ваҷд меоварад. | | |
| B019 | ЙИРМОНБОЗӢ | Йирмонбозӣ - рақси мардонаи яккаса ё дукаса мебошад. Дар рақс хислатҳо ва ҳаракатҳои йирмонро тақлид мекунанд. Раққос ду дастро пеши пайкарашро нигоҳ дошта, китф меҷумбонад ва каллашро ва даҳанашро пешу қафо мебарад. Иҷрокунанда ба майдон баромада ин сӯ он сӯ, пешу қафо меравад. Дар як ҷо истода як дам наҷунбида меистад, гӯш мекунад. Баъд боз бо дастонаш ҳаракат мекунад. Иҷрокунанда ба замин мешинад ва ҳаракатҳои ларзиши китфҳо, сар, даҳон, дастҳо иҷро мекунад. Рақс бо ҳислати шӯх бо таҳти навои доира иҷро мегардад. | Ҳисор | Нимфаъол |
| B020 | ҚАЙРОҚБОЗӢ | Қайроқбозӣ – рақс бо қайроқ (сангҳои сабуки ҳамвору борики дароз). Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қайроқ дошта онҳоро бо зарби мусиқӣ ё дойра баробар менавозад. Дар ин рақс се суруд: «Ҳоли орази рухсор», «Ёр, дилбарам шумоед», «Шӯхи дилором» иҷро мешавад. Дар ин рақс иҷрокунанда ҳаракатҳои гуногуни рақси тоҷикӣ: чархзанӣ, «чархи дурӯя», «ҷилваи якрӯя», «шох» ва ғайраро истифода мебарад | Шаҳринав, Турсунзода | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В021 | КОРДБОЗӢ | Кордбозӣ рақси ҷангаворонаи мардона мебошад. Ин рақсро як ё ду нафар иҷро мекунанд. Раққос якто корди тезро ба даст гирифта, ба рақс медаромад. Иҷрокунанда дар рафти рақс нӯги тези кордро гоҳ ба чашмонаш, гоҳ чаккаҳои рӯяшон, гоҳ дар миёнаш ва дигар ҷойҳояшон равона менамуд. Ҳаракатҳо чунон тез ва чаққон иҷро мегардиданд, ки гуё корд ба ҷойҳои гуногуни рухсора ва баданашон халида истодаанд. | ВМКБ<br>Вилояти Суғд | Нимфаъол |
| В022 | КОЧБАЗАЙ,<br>*рақси шикам* | Коч-базай дар иҷрои ду мард дар нақшҳои «Бибӣ» ва «Бобо» баргузор мешавад. «Бобо» шиками калон месозад, миёнашро мебандад. Иҷрокунандаи нақши «Бибӣ» либоси занона курта, эзор пӯшида, дар сараш рӯймол мепартояд, нисфи поёни рӯяшро бо дока мепӯшад. Рақс дар асоси ҳаракатҳои рақсӣ ва пантомимаро сохта шуда, хусусияти мазҳакаомез пайдо кардааст. Рақс дар тахти оҳанги «Рапо» иҷро мегардад. | Ноҳияи Рӯшон | Нимфаъол |
| В023 | ҚОШУҚБОЗӢ<br>*Чеб-базай,*<br>*Чеб раққосӣ* | Қошуқбозӣ – рақс бо қошуқ. Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қошуқи чӯбиро, ки бо ангуштҳои даст даҳон ба даҳон гузошта, медорад. Қошуқҳо дар ин рақс на танҳо вазифаи шақшақаи чӯбинро иҷро менамоянд, балки садои зарбу усули муайянро ба вуҷуд меоранд. Раққос, ҳамеша қошуқ зада истода тахти зарби онҳо чарх меравад, гоҳ ҳам шуда ҳаракатҳои мавзун иҷро мекунад, гоҳ дар саҳна, гӯё, худро ороиш медиҳад. Рақси «Кошуқбозӣ»-ро дар Бадахшон мардҳо, дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ занон иҷро мекунанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В024 | ЛАГЛАГБОЗӢ<br>*Лайлак* | Рақси «Лаглагбозӣ» роҳгардӣ ва ҳаракатҳои лаклакро тасвир менамояд. Дар он ақидаҳои мардум дар бораи лаклак чун паррандаи некфол таҷассуми бадеӣ ёфтаанд. Раққос оҳиста-оҳиста рӯи майдон мегардад, баъзан ӯ дастонашро мавзун мебардорад ва нишон медиҳад, ки чи тавр лаклак бол меафшонад. Раққос бозида истода гоҳ-гоҳ «нӯл»-ро ба ҳаракат меорад, каллаашро ҳам мекунад ва синаашро бо нӯлаш мехорад, назди баъзе аз тамошобинон меояд, каллаи касеро ба тарзи шӯхӣ нӯл мезанад. Ин ракс аз тарафи як ё ду мард дар тахти навозиши дойра иҷро мегардад. | Кӯлоб, водии Зарафшон | Нимфаъол |
| В025 | ЛАКАЛАК | «Лакалак» рақси бисёрнафараи мардона мебошад. Онро дар туйҳои хатна, зангирӣ ва гаштакҳо дар рӯи ҳавлӣ, дар гирди оташ барпо менамуданд. Ин ракс бо иштироки як гурӯҳ «қарсакчӣ»-ҳо ва як раққоси асосӣ бо зарбу усули мушаххаси қарсакзанӣ иҷро мегардид. Бозингари асосӣ рақси худро дар миёнаҷои давра иҷро менамуд. Дастҳо аз оринҷ нимқат боло бардошта, банди онҳо ба тарафи росту чап сахт-сахт гардонида мешуданд. Пайкар ва калла намеҷумбиданд. Рақс қудрати умумии ҷисмонӣ ва маънавии инсон, шодмонӣ ва тантанаи ӯро ифода мекард. Дар ин рақс ҳаракати дастҳо ва китфҳо нақши муҳим доранд. | ВМКБ | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B026 | МАВРИГӢ | Ин рақс бо ҳаракати «тоби қарсаки даст» сар мешуд. Рақс тахти навои доира ва суруд иҷро мегардад. Матни сурудҳо аз ашъори шоирони классик – Ҳофиз, Бедил ва дигарон гирифта шудааст. Раққоса ҳаракатҳои дам дар як тараф, дам дар тарафи дигар иҷро намуда, оҳиста-оҳиста пеш, сипас қафо меравад, чарх зада менишинад ва ғайра. | Шаҳринав, Турсунзода, Ҳисор | Фаъол |
| B027 | «МЕГИРАМЕ ҲАМИНАЕ» | «Мегираме, ҳаминае» - рақси дукаса мебошад. Дар майдон тоқиеро мегузоранд. Ду раққос мисли хурӯсҳои ҷангида истода дар масофаи якуним-ду метр рӯбарӯ истода, дастонашонро дар пушташон занҷир месозанд. Ҳамин тавр онҳо пайкарашон ва каллаашонро андак ҷунбонда ҳалқаи тамошобинонро давр мезанад пойҳояшонро васеъ гузошта, ба пеш ҳам шуда, тоқиро бо дандонҳояшон гирифтини мешаванд. Ин дам раққос борҳо «мегираме, ҳаминае» мегӯяд, тамошобинон «намегирие, ҳаминае!» ҷавоб медиҳанд. | Водии Зарафшон | Нимфаъол |
| B028 | МУҒУЛБОЗӢ | Ин пиесаи мусиқии халқи тоҷик дар асоси афсонаи «Муғулдухтар» тавлид ёфта, қисми насрии он бо муколамаҳои шоирона - сурудҳои қаҳрамонони асосӣ араббача ва муғулдухтар пайваст гардидааст. Гӯянда воқеаҳои афсонаро нақл карда, дар он ҷое, ки қаҳрамонон зикру эҳсоси худро бо шеър баён менамоянд, ба воситаи дойра ё рубоб аз ҷониби онон месароянд. | ВМКБ | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В029 | МУНОҶОТ | Муноҷот - рақси классикӣ мисли як қисми ҳамноми «Шашмақом» аз ҷиҳати оҳанг бо он наздик аст. Ин рақс таҳти навозиши танбӯр ва доира ё ансамбли асбобҳои халқии мусиқӣ бешитоб, хиромон бо ҳаракатҳои дастҳои зебои маҳин ичро мегардад. Рақси «Муноҷот» аз 3 қисм иборат буда, қисми аввал бо суръати суст, қисми дуюм тез ва қисми сеюм боз суст навохта мешавад. Рақс дар тую маракаҳои оилави, идҳои халқӣ, гаштакҳо, базмҳо аз тарафи занҳо ва мардҳо иҷро мегардад. | Вилоят Суғд ноҳяиҳои Шаҳринав, Турсунзода | Фаъол |
| В030 | НАСКАК-БАЗАЙ<br>*наскак-бозӣ* | Наскак-базай – рақси ҷанговоронаи мардона буда, қувват ва бузургии паҳлавони оддии деҳотиро, ки шӯхомез Наскак ном гирифтааст, тасвир мекунад. Ду раққос ҳаҷвкорона паҳлавононеро тасвир мекунад, ки ба мубориза ба ҷанги тан ба тан, озмоиши қувват ва тавоноӣ мекунад. Рақс дар таҳти оҳанги «Рапо» иҷро гардида, тарзу тартиби мушаххас дорад. | ВМКБ<br>Ноҳияи Рӯшон | нимфаъол |
| В031 | ОТАШБОЗӢ | Оташбозӣ- рақси қадимест, ки онро баъзе масхарабозҳо шабнишиниву ҷашни арӯсӣ ва сайри соли нав иҷро менамуданд. Раққос тавассути бинӣ ҳаво мегирифт ва онро бо оташ аз даҳон сар медод. Иҷрокунанда дар дастонаш дутогӣ қайроқ дошта тахти навозиши дойра мерақсид. Баъзе масхарабозҳо дар пойҳояшон чӯбҳои ду-се метраро баста «Оташбозиро» иҷро менамуданд. Масхарабоз дар дасташон шишаи нафтро дошта, онро ба ҳаво пош дода аз даҳонаш алов пуф мекард, ки ба якуним метр | Вилояти Суғд<br>Водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | мепарид. | | |
| B032 | «ОҲО, ЯККА» | «Оҳо, якка» – рақси мардона буда, дар тую маракаҳо, гаштакҳои мардона иҷро мешавад. Дар ин рақси шод якдилона ҷавонон, мардҳои миёнсол ва ҳатто мӯсафедон ширкат меварзанд. Як гурӯҳ раққосон давра сохта, китф ба китф зада, ҷур шуда «оҳо, якка» ё «уҳо, якка» гуфта баробар қарсак задан мегиранд. Дар ин рақс ягон сози мусиқӣ истифода намешавад, танҳо садои қарсак ва нидоҳои хурсандиомези иштирокчиёну тамошобинҳо шунида мешаванд. | Вилояти Суғд Ноҳияҳои Панҷикент, Айни | Фаъол |
| B033 | ПИЛЛА | Пилла - рақси меҳнатӣ буда, дар таҳти навозиши дойра аз ҷониби занҳо иҷро мегардад. Иҷрокунанда нозукиҳои рафти пилласозкуниро тасвир мекунад: ҷамъоварди пилла, дар об гирифтан, ресмонбофӣ, атласбофӣ ва курта дӯхтан. Рақси «Пилла» аз 3 қисм иборат буда, қисми аввал оҳиста, қисми дуюм бо суръати баланд ва қисми сеюм боз баландтар иҷро мешавад. Рақс дар идҳои халқӣ, гаштакҳо, базмҳо ва маросимҳои хурсандӣ баргузор мегардад. | Вилоят Суғд ноҳяиҳои Шаҳринав, Турсунзода | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B034 | ПИШПО-ПИШПО<br>*ҳатэр,*<br>*пишбақ,*<br>*пишбу* | «Пишпо-пишпо» рақси қадимии тоҷикон буда, дар туйҳои баъзе деҳот чун лаҳзаи дилхушӣ иҷро мегардад. Дар баъзе ҷойҳо ин рақс як кас ё ду кас иҷро мекунанд. Рақси ду зани иҷрокунанда таҳти навозиши дойра ё бе асбоби мусиқӣ иҷро карда мешавад. Раққосаҳо дар масофаи як якуним метр рӯбарӯи ҳам диккак менишинанд. Онҳо кафи дастонашро рӯи зону гузошта дар ҳамин ҳолат дам ба як тараф, дам ба тарафи дигар меҷаҳанд. Онҳо ҳаракат карда «ақфу-ақфу» мегӯянд ва тамошобинон мувофиқи зарби онҳо қарсак мезананд. Иҷрокунандагон то ҷои муайяне расида ҳаракатҳояшонро аз нав такрор мекунанд. | ВМКБ,<br>Ноҳияи Ховалинг вилояти Хатлон | Нимфаъол |
| B035 | ПОЙАМАЛ<br>*чархд-ед* | Пойамал- рақси сӯгвориест, ки дар он ғаму андӯҳ, гиряи ниҳонию ноаён нисбати шахси фавтида ифода ёфтааст. Зан бо дастонаш ҳаракатҳои мавзун ва бо кафи онҳо қарсак зада, давр меравад. Пойамалро хешовандон наздики марҳум одатан то баровардани майит иҷро мекунанд. Занони ба ҳамдардӣ омада рӯи дӯконҳои гилии менишинанд ва сӯи раққосаҳо чашм медӯзанд. Раққосаҳо пойлуч ва сарлуч, муйҳои нобофтаву пароканда, дар либоси мотамии рангаш сиёҳ, сафед ё гулдор, вале ҳатман куртаи кӯҳнаи нисфи болои пешаш дарида баромад мекунанд. | ВМКБ | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B036 | РАВОНА<br>*Ларзон* | Равона – рақси занона буда, дар ҷашни арӯсӣ тахти доиранавозва сурудхонӣ бо танатана иҷро мегардад. Созанда як ҷо истода, дасти росташро баробари китф бардошта, бо дасти чапаш нӯги як банди мӯяшро як тараф дароз карда, онро меларзонад. Раққоса ба зону афтода, аз нӯги панҷаҳо сар карда то китф тамоми пайкарашро меларзонад, ҳаракати «ларзонак» чанд бор такрор меёбад. Баъд иҷрокунанда миёнашро ҳам намуда баданашро хобонда дар атрофаш пурра чарх мезанонад. «Раққоса дар рақс ҳаракатҳои гуногун иҷро мекунад: пайкарашро ба пеш ҳам намуда бо дастонаш дар дараҷаи китф дошта, бо ангуштонаш қисиррос мезанад, зарбу усулро бо нӯги пои рост мекӯбад ва ғайра. | Ноҳияҳои Шаҳринав, Турсунзода | Нимфаъол |
| B037 | РАҚС БО ДУТОР | Рақс бо дутор дар байни мардон ва ҳам занон паҳн гардидааст. Иҷрокунанда дутор навохта истода онро гоҳ дар қафояш, гоҳ дар рӯбарӯяш, гоҳ ин сӯ, гоҳ он сӯ дароз намуда мерақсад. | Вилояти Хатлон Ноҳияи Кӯлоб | Фаъол |
| B038 | РАҚС БО КӮЗА | Рақс бо кӯзаро дар Бадахшон мардон, дар Гарм, Тавилдара занон тахти зарби дойра иҷро мекунанд. Раққоса кӯзаро дар китфаш гузошта оҳиста-оҳиста рақсро оғоз мекунад. Ӯ кӯзаро гоҳ дар ин ва гоҳ дар он китфаш мегузорад. Кӯзаро ба боло мепартояд, дастонашро ба ду тараф дароз карда банди онҳоро чарх мегардонад ё ин ки давр мезанаду сипас бозкӯзаро дошта мегирад. Ӯ баъзан кӯзаро дар рӯбарӯяш бо ду дасташ дошта, гоҳ менишинад ва мехезад. | ВМКБ Ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон Водии Рашт | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В039 | РАҚС БО НАЙ | Ракс бо най таҳти навои дойра ва найнавозии худи бозингар иҷро мегардад. Иҷрокунанда бо ду дасташ най навохта истода, бо пойи росташ зарб мезанад, пойи чапашро лағжонда мерақсад. Ӯ пайкарашро гоҳ хам, гоҳ рост, гоҳ ба паҳлӯе мегардонад. | ВМКБ | Фаъол |
| В040 | РАҚСИ «РУЙМОЛ» | Рақси «Руймол» - рақси занонаи халқӣ мебошад, ки таҳти навои доира, таблак, ё созҳои дигари халқӣ иҷро мегардад. Рақси «Руймол» занҳо иҷро мекунанд. Рақси якка буда, дар ҷашну маъракаҳои оилавӣ, идҳои халқӣ, гаштакҳо, базмҳо барпо мешавад. Раққоса бо ҳаракатҳои зебои маҳин ва имову ишораҳо дар як ҷо нишаста, руймолро гулдузӣ мекунад. Ниҳоят ӯ руймолро духта бо хурсандӣ мерақсад ва ба ягон кас онро туҳфа мекунад. | Вилоят Суғд, водии Ҳисор | Фаъол |
| В041 | РАҚС БО ЧИҒАК<br>*Рақс бо гижак* | Рақси чиғакнавоз таҳти навозиши як гурӯҳ мутрибон ва сароидану чиғакнавозии худи бозингар иҷро мегардад. Иҷрокунанда зарбу усули рақсии навозандагонро вайрон накарда, оҳанг менавозад. Дар оғози бозӣ раққос рӯ ба рӯи навозандагон истода чиғакро ба таври уфуқӣ боло мебардорад, гӯшакҳои он ба дараҷаи гӯши чап рост меоянд. Ӯ пайкарашро ба пеш ҳам карда бо эҳсоси баланд месарояд ва менавозад. Сипас ба тарафи тамошобинон рӯ гардонда, ду-се қадам ба пеш монда, чарх меравад ва боз ҳамон ҳаракати аввaларо такрор мекунад. | ВМКБ | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B042 | РАҚСИ АНГУШТПОНА | «Рақси ангуштпона» рақси якка буда, ҳам занона, ҳам мардона мебошад. Иҷрокунанда дар чаҳор ангушташ ангуштпона пӯшида, онҳоро ба табақча зада, садои дилнавозе мебарорад ва худаш мерақсад. | Вилояти Суғд Ноҳияи Конибодом | Фаъол |
| B043 | РАҚСИ ЗАНГБОЗ | Рақси акробатии «зангбоз» аз бозии ҳунарварони ҷавони муаллақзан иборат мебошад, ки онҳоро «зангбоз» меномиданд. Ин рақс унсурҳои акробатӣ дорад. Писарбачаҳои нозукпайкар яктаки кӯтоҳи ба миёнаш часпидаро пӯшида, дар банди пойҳояшон тасмаҳои зангӯлаҳо дӯхта шударо мустаҳкам намуда, таҳти садои доира мерақсанд. Садои хуши зангӯлаҳо бо ҳаракатҳои чусту чолокона ва печони бадани зангбоз ҳамовоз мебошанд. Ӯ пайкарашро ба пушт хам намуда ва сари синаашро ба замин гузошта, каллаашро аз байни пойҳояш мегузаронид. Сипас як чанд дафъа муаллақ мезад. | Вилояти Суғд Водии Ҳисор | Фаъол |
| B044 | РАҚСИ КАБК | Иҷрокунанда диккак менишинад, қоматашро ба пеш хам мекунад, дастонашро ба пушташ бурда кафҳояшро боло медорад. «Кабк» оҳиста-оҳиста қадам гузошта, дар як ҷо қарор мегирад, аз чизе меҳаросад, боз роҳашро идома медиҳад, сарашро сахт гардонда аз замин чизеро ёфта мехӯрад, об нӯшида, болҳояшро меафшонад. Рақс дар иҷрои як ё ду раққос иҷро мешавад. Дар рақс муносибати ишқварзӣ ё худ баъзан ҷанги тан ба тани кабкҳо тасвир мегардад. | Кӯлоб | Нимфаъол |
| | | Рақси остин аз ҷониби модаркалони домод ҳангоми ба хонаи шавҳар овардани арӯс ва дар | Водиҳои Кӯлоб, | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B045 | РАҚСИ ОСТИН | гирди оташ давр занондани ӯ ичро мегардад. Раққоса дасти росташро дар тарафи чап гузошта, дасти нимқати дигарашро дар рӯбарӯяш дароз намуда, остини дарози куртаашро ин сӯ он сӯ мечумбонад. Сипас ҷои дастҳоро иваз намуда ин ҳаракатро такрор мекунад. Баъд як дасташро дар пушташ дошта, дасти дигарашро нимқат ба пеш дароз намуда, остин меҷумбонад. Боз ҷои дастҳоро иваз намуда ҳаракатро такрор мекунад. | Рашт, Водии Зарафшон, Истаравшан | Фаъол |
| B046 | РАҚСИ УФАР | Рақс дар қисми авҷи суруд иҷро мегардад, ки он «уфар» ном дорад. Баъзан ду уфар ҷо дорад ва охиринаш нисбат ба аввалааш шӯхтар аст. Усули зарб дар уфар иваз меёбад, аммо бо суруд аз ҷиҳати оҳанг ва мақом умумияте дорад. Иҷрокунанда на танҳо раққос, балки дар айни замон низ ҳофиз мебошад. Ӯ мазмуни сурудро ҳам бо овоз ва ҳам бо ҳаракатҳои мавзуни худ ифода менамояд. Мазмуни чунин сурудҳои рақсӣ гуногун: аксар ғиноӣ, ё ғиноию мазҳакаомез ё ин ки ҳаҷвию хандаоваранд. Нақароти суруди рақсии ӯро дастаи навозандагон такрор мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| B047 | РАҚСИ «ХОРИШ» | Рақси «Хориш» - рақси тақлидии ҳаҷвӣ мебошад. Ин гуна рақсҳо нуқсонҳои инсонӣ (танбалӣ, соддагӣ, бепарвоӣ)-ро масхара мекунанд. Тамошобинон бо зарбу усули мусиқӣ қарсак зада, ба раққос луқма мепартоянд. Иҷрокунанда ҳангоми рақсидан ҳар ҷояшро мехорад ва ҳар дафъа «Мана, мана, хориш!» мегӯяд. Раққос ба ҳар тараф ҳаракат карда, худро доимо хорида истода оҳиста-оҳиста куртаашро мекашад, гоҳо онро ҳатто медаронад. | Водии Зарафшон | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| B048 | РАҚСИ ЧОЙНИК | Рақси чойнаку пиёла-хусусан дар байни мардон хос аст. Иҷрокунанда ҷомаи беқасаб, тоқии чуст, дар пояш кулӯшу махсӣ мепӯшад. Вай дар теппаи сараш чойникро гузошта дар ҳар дасташ пиёлаеро медорад. Раққос дастҳояшро ба ду тараф фароҳ дароз карда пои росташро пеш гузошта, оҳиста-оҳиста қадам мегузорад ва майдонро давр мезанад. Сипас ҳар як дасташро боло бардошта, тоб дода ба ҷои пештараш мефарорад. Иҷрокунанда гирди майдонро оҳиста-оҳиста се-чор бор давр мезанад. | Вилояти Суғд Ноҳияи Истрафшан, Исфара | Фаъол |
| B049 | РЕЗАБОЗӢ,<br>*ларзон* | Резабозӣ рақси занона буда, бо оҳанги шӯх иҷро мешавад. Дар ин рақс иҷрокунанда китфҳояшонро тез-тез боло бардошта мефарорад, қисми болои пайкарашро меларзонад. Ин рақс бо навозиши дойра иҷро мешавад. Раққоса як дасташро дар сари сина дошта, дасти дигарашонро ба як тараф дароз мекунад, як бор давр мегардад. Сипас вай ба замин нишаста пои росташро ба пеш дароз карда зонуи пои чапашонро дар замин гузошта мерақсад ва ғ. | Вилояти Суғд Ноҳияи Истрафшан, Водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B050 | РИШИН<br><br>*ришинак раққосай, дукурса, киш-киш* | Ришин – рақси мардонаи рушонӣ буда, онро ду мардҳои раққос иҷро мекунанд. Раққосон гуё, ки лаҳзае аз ҳаёти як ҷуфт кабӯтарҳоро нишон медиҳанд. Иҷрокунандагон рафтори кабӯтарҳооро ҳангоми низоъ кардан ва оштӣ шуданро таҷассум меномаянд. Онҳо дастонашонро дар миён гузошта, рӯ ба рӯ истода, китфҳояшонро боло мебардоранду поён мефароранд. Баъд китфҷумбониро идома дода нимдавр роҳ мегарданд, ба ҷои пештараашон бар мегарданд, ба як дигар менигаранд. Раққосон ҳаракати асосии рақси рӯшонӣ пушт ба пушт истода чарх заданро иҷро карда, бо кафи даст қарсакҳои канда-канда мезананд. | ВМКБ ноҳияи Рӯшон | Нимфаъол |
| B051 | РӮБОҲБОЗӢ<br><br>*Руптсак-базай* | Мазмуни пантомимаи «Рӯбоҳбозӣ» гуногун мебошад ва таҳти навозиши оҳанги «Рапо», 6/8 иҷро мегардид. Рақси мардона мебошад. Иҷрокунанда ҳислатҳои хоси рӯбохро ифода мекунад. Ба зонуҳо ва бо дастҳо истода, каллаашро ба ин сӯ он сӯ мегардонад, гуш мекунад, нигоҳ мекунад ва ба пеши сайдаш – ягон ҷисми беҷон медавад, онро дошта, гирифта мегурезад. | ВМКБ | Дар ҳолати аз байнравӣ қарор дорад. |
| B052 | СОҚИНОМА | Соқинома – рақси классикӣ буда, таҳти суруд оромона ва бо ҳаракатҳои дастҳо иҷро мегардад. Дар «Соқинома» ҷанбаи хониш зиёдтар буда, рақс дар он фақат замина аст. Дар рақс лаҳзаҳои дар як ҷо истодан, ҳаракатҳои зебои маҳин ва имову ишораҳои таъсирнок, тобишҳои ҳолат ва эҳсос иҷро мешаванд. Раққоса дар ин рақс куртаи сабуки шоҳӣ, тоқии зардӯзӣ ва пойҷомаи | Вилоят Суғд ноҳяиҳои Шаҳринав, Турсунзода | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | шерозаш силшиладор мепӯшад. | | |
| В053 | ТАБАҚБОЗӢ<br>*Тагорабозӣ* | Табақбозӣ рақси дорои унсурҳои сирк ва амалиёти драмавӣ мебошад. Раққос дар сараш табақи калони сафолини тагаш ҳамворро гузошта, бо дастонаш қайроқ навохта, майдонро ду-се бор давр мезанад. Ӯ қоматашро андак ба пеш хам мекунад, табақ ба болои гардану китфҳо, баъд ба рӯи шонаҳо ва ҳамин тавр то миён мефарояд. Табақбоз дар рафти рақс гоҳ тез, гоҳ оҳиста майдонро чарх мезанад, гоҳ ҳаракатҳои зебои бошитоби дастони ӯ оҳанги шӯхиомез мегиранд. Иҷрокунанда гоҳ тамоми баданашро афшонда, гоҳе калаашро меҷумбонад. | Вилояти Суғд | Фаъол |
| В054 | ТЕКИСБОЗӢ<br>*Рақси ҳамвор* | Текисбозӣ – рақси ғиноӣ (лирикӣ). Дар ин рақс иҷрокунанда ҳаракатҳои дастонро гуногун иҷро мекунад: дам ба як тараф дароз карда рӯ ба тарафи дигар мегардонад, дам ба сӯи дигар дароз намуда чеҳраашро ба тарафи муқобили он метобад. Раққоса қафи ҳамвори дасташро рӯ ба тамошобинон гардонда онро аз поён ба боло мебардорад ва сипас ба поён мепартояд. Ҳамин ҳаракат дам бо як ва дам бо дасти дигар бешитоб ва зарифона такрор меёбад. Баъд дастҳо дар поёни рӯбарӯи иҷрокунанда дошта мешаванд, | Вилояти Суғд<br>Ноҳияи Истрафшан | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | нӯг ба нӯг зери манаҳ медорад, як дасташро пуштнокӣ дар миён гузошта дасти чапашро дар паси гӯшаш мегузорад. | | |
| В055 | УҚОББОЗӢ<br>*уқоб-базай,*<br>*каргасбозӣ,*<br>*рақси «Уқоб»* | Уқоббозӣ пантомимаи рақсии мардона буда, нусхаҳои гуногун дорад ва онро яккаса ё дукаса иҷро мекунанд. Раққос дастонашро рӯбарӯяш дароз карда, ба пеш хам шуда, ду се бор чарх мезанад. Уқоб парвозкунон дар рӯи замин ҷасади буз (гӯсфанд ё оҳу)-ро мебинад ва хурсанд шуда, ба замин мефарояд. Ҳарисона ба сайд менигарад, онро чанг зада мегирад ва боз ба ҳаво мепарад. Уқоб меҳохад, луқмае фурӯ барад, вале он меғалтад. Уқоб боз ба замин мефарояд ва ғ. Рақс дар таҳти оҳанги «Рапо», ки онро дастаи мутрибон (ғижак, рубоб, даф, гоҳо сетор) менавозанд, бозида мешавад. Нусхаҳои гуногуни ин рақс ҳар хел бо анҷом мерасанд. | Тавилдара<br>ВМКБ | Дар ҳолати аз байнравӣ қарор дорад. |
| В056 | ХАРБОЗӢ | Харбозӣ- пантомимаи рақсиест, ки бо ниқоб иҷро мешавад. Дар пантомима хислату рафтори хар ба таври шӯхиомез таҷассум меёбад. Раққос сари харро ин ва он тараф гардонда, моҳирона гарданро мебардорад ва даҳонашро кушода, алафро мехӯрад. Дар охири рақс хар дар назди тамошобин мехобид ва бо он бозиро хатм мекунад. | ВМКБ | Дар ҳолати аз байнравӣ қарор дорад. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В057 | ЧАПАКБОЗӢ<br>*чапак-чапак* | Чапакбозӣ- рақси занона мебошад. Иҷрокунанда рост истода дастонашро ба тарафи китфи чап нигоҳ дошта, ба ҳамон сӯ нигариста, бо ҳамин ҳаракат маъракаро давр мезанад. Ӯ пои росташро ба пеш ва пои чапашро қафотар гузашта, ҳамвор қадам мегузорад. Рақс оҳиста, ором, бо қадамҳои хурд-хурд ва баъзан чапакзаниҳо идома меёбад. | Вилояти Суғд Ноҳияҳои Истравшан, Ғончӣ,<br>Водии Ҳисор | Фаъол |
| В058 | ҶАҲИДАБОЗӢ<br>*ҷаҳидачиҳо* | Ҷаҳидабозӣ  рақси занона буда,  як вақтҳо бо оташпарастӣ робитае доштааст. Дар гузашта ин рақсро дар ҷашни ва баъзан дар тӯйҳо иҷро менамуданд. Дар тӯйҳо баъди арӯсро ба хонаи домод овардан дар атрофи гулхан мерақсиданд. Раққоса пайкарашро рост дошта, ангуштони калонашро ба пеш, хурдҳоро дар қафои миёнаш гузошта, ҷаҳида-ҷаҳида ба пеш ҳаракат мекунад. Сипас ҳамин тавр, аммо бо пушташ ба қафо ҳамин тавр меравад. Дар ин рақс иҷрокунанда дастҳояшро ба монанди  мавҷ  боло мебардорад ва поён мефарорад.  Дар авҷи рақс ба раққоса се-чор нафар занон ҳамроҳ мешаванд. | Вилояти Суғд Ноҳияи Истравшан | Нимфаъол |
| В059 | ЧЕБ-БАЗАЙ<br>*Чеб-раққосӣ* | Чеб-базай бо тахти навозиши асбобҳои мусиқии рубоб, джиғак ва даф иҷро мегардад. Дар ин рақс иҷрокунанда (мард) рафти кори занҳоро ҳангоми коркарди пашми буз ё гусфанд нишон медиҳад. Ҳаракатҳои  тоза намудани пашм, аз он риштаҳоро тор кардан, ранг намудани онҳо тасвир мекунанд. Ҳамаи ҳаракатҳо бо зарбу задани кошукҳо дар дастҳои раққос якчоя иҷро мегарданд. Баъди итмом намудани кор иҷрокунанда бо дастҳо шустани муи сар ва шона | ВМКБ | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | кардани он, молидани сурма дар чашм тақлидкорона ифода мекунад. Дар замони муосир дар рақс қошуқ фақат ҳам чун асбоби зарбӣ истифода мебаранд. | | |
| В060 | ЧӮББОЗӢ *калтакбозӣ* | Чӯббозӣ рақси ҷанговоронаи мардона буда, онро як кас ё ду кас иҷро менамоянд. Рақс лаҳзаҳои ҷанги сарбоз, шикор, мусобиқаи паҳлавониро таҷассум мекунад. Ба ин рақс ҳаракатҳои серунсур, гардишҳои сахт, чархидани босуръат ва таваққуфҳои ногаҳонӣ хосанд. Иҷрокунандагон дар ҳар дастонашон яктогӣ чӯби сахти тарошидашударо дошта, онҳоро дар вақти рӯбарӯ шуданашон моҳирона ва бо усули дақиқ ба замин мезананд. Раққосҳо гоҳ ба як тараф ва гоҳ ба тарафи дигар мегарданд ва чӯбҳои ҳамдигарро ба таври нишонрас мезананд. Чӯбҳои оддӣ ҳамчун асбоби мусиқӣ низ хизмат намуда, зарбу усулро бехато ба вуҷуд меоранд. | ВМКБ | Нимфаъол |
| В061 | «ҶУМ ҶАҲЕ, ҶУМ ҶАҲАЛА» | Ин рақси қадимии мардона буда, бо якка раққос ва гурӯҳи раққосон иҷро мегардад. Онҳо дар давра истода қарсак зада, пайкарашонро пеш ҳам намуда қарсак мезаданд ва «о чаҳе» мегӯянд, дар ин вақт пои росташро пеш мебароранд. Сипас пайкарашонро рост карда дар як ҷо меҷаҳиданд ва бо ҳамовоз якҷоя «ҷум ҷаҳала» меӯянд. Раққос дар таҳти қарсакзанӣ рақсида, баъди хониши ҳар мисраъи шеър «Ҷум ҷаҳе, ҷум | Водии Ҳисор | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | чаҳала» мегӯяд. Ӯ дастонашро боло бардоша китфҳояшонро меҷумбонад. Иҷрокунандагон гирди давра гашта, сипас як дасташро дар паҳлуяш гузошта, дигарашро болотар аз китф мебардорад. | | |
| В062 | ШАМШЕРБОЗӢ<br>*чег-базай,*<br>*рақс бо корд* | Шамшербозӣ- рақси ҷанговоронаи мардона мебошад. Рақсро як кас, ду-се кас иҷро мекарданд, дар туйҳо даҳ ё дувоздаҳ кас илова мешуданд. Ҳар кас бо шамшер ё табарзин мебаромад. Ин рақс дар майдон ё боғ нишон медоданд, дар хона мумкин набуд, чунки эҳтимол дошт шамшер ба ягон тамошобин расад. Раққос дар майдон пайдо шуда аз усули суст рақсро оғоз мекунад, оҳиста-оҳиста ҳаракатҳои тез ва ғаюрона иҷро мекунад. Ӯ шамшерро аз ғилоф мебарорад ва дар вақти чарх онро гоҳ ба як тараф ва гоҳ ба тарафи дигар, гоҳ дар пушти гарданаш медорад, гоҳ дар миёнаш мехалонад, гоҳ дами тези онро бо даҳонаш мегирад. Иҷрокунанда дар ин рақс шуҷоат ва нотарсии сарбозро нишон медиҳад, гӯё ки пеш аз муҳориба рӯҳи ҷанговариро баланд мебардошт. | ВМКБ | Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад. |
| В063 | ШЕРБОЗӢ | «Шербозӣ» пантомима ва рақси қадимии халқи тоҷик мебошад. Шер дар рақс рамзи неру, қудрат, мардонагӣ, пурзурӣ ва хашму ғазабро ифода менамояд. | Ромит | Аз байн рафтааст. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B064 | ШИБИТЗ | Шибитз (ғозидани пашм) рақси мардона буда, лаҳзаи майда намудан ва тунук кардани пашми сахтро тасвир мекунад. Рақс таҳти оҳанги мусиқии «ргуин» (рақси рушонӣ) иҷро мегардад. Иҷрокунанда дар по чамуз, эзори сафед дошта, танаш бараҳна аст. Дар рақс ҳаракатҳои дастҳои нимкат дар миён гузошта, зонуҳояшро нимкат намуда, пои росташро бо зарб зада, пеш гузошта, пои чапро аз қафои он лағжонда-лағжонда иҷро мекунад. Ӯ бо ин ҳаракат майдони бозиро давр зада, дастонашро дар сари синааш чиллик гузошта банди онҳоро зери бағалаш пинҳон медорад, бо ҳамин ҳаракати асосии қӯлтуқзаниро оғоз менамояд. | ВМКБ | Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад. |
| B065 | ЯК ҚАРСАК<br>*се қарсак,*<br>*панҷ қарсак* | «Як қарсак» рақси мардона буда, дар тӯйҳо барпо мегардад. Дар он ҷавонон 17-18 то мардҳои 40-45 сола ширкат меварзанд. Инҳо шахсоне ки қоидаи қарсакзаниро медонанд ва «қарсакчӣ» ном гирифтанд. Иштирокчиён давра ё нимдавра сохта бо як зарби мушаххас баробар қарсак мезананд. Он ном дорад: якта, сета, панчта, даҳта ва аз ҳамдигар фарқ мекунад. Гурӯх қарсак мезанад ва як ё баъзан ду кас дар мобайн истода мерақсад. Ин нақшро бо навбат иҷро мекунанд. Иҷрокунандагон дар вақти «Се қарс» задан се бор «яҳ-яҳ, ялла» талаффуз мекунанд. | Вилояти Суғд Водиҳои Зарафшону Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B066 | ЯЛЛАБОЗӢ | Яллабозӣ рақсест, ки дар бо суруд иҷро мегардад. Иҷрокунанда суруди зеринро сароида мувофиқи оҳанги шӯх, зиндадилона ва зарбу усули он рақси маъмулӣ мекунад:<br>Ту болои бом бошӣ, ҳой, яллало,<br>Ман поёни бом бошам, вое, яллало.<br>Қошакта ҷунбонӣ, ҳой яллало,<br>Ман усмая давонам, вое, яллало. | Истравшан | Нимфаъол |
| B067 | ҒИЖАКНАВОЗӢ | Ғижак як навъ сози миллии тоҷикӣ (ҳунарҳои иҷрой) буда он дар даврахои қадим 4 дорад. Онро дар сари зону ба тарзи амудӣ дошта, бо камонча менавозанд. Торҳои ғижак асосан филизӣ буда, бо фосилаи кварта ҷӯр карда мешаванд. Мардуми тоҷик бештар ду намуди ғижакро истифода мебаранд; ғижаки кӯҳистони косааш чоркунҷа (аз тунука ва ё кадуи махсус). Намуди дигари ғижак доирашакл буда, онро бештар аз чӯбҳои тут, зардолу, чормағз ва ғайра месозанд ва он бо фосилаи квинта ҷӯр карда мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| B068 | САТОНАВОЗӢ | Сато як навъ сози миллии тоҷикист, ки косааш калонтар буда, ба танбӯр шабоҳат дорад. Сарпӯши он каме васеътар аст. Сато аз чӯби тут сохта шуда, дарозиаш 130-140 см мебошад. Он 3-4 тор дорад ва кварта ё квинта ҷӯр мешавад. Бо сато, асосан, оҳангҳои лирикаи ҳазин («Шашмақом») навохта мешаванд. Саторо мисли ғижак ба болотари зонуи пои чап гузошта бо камонча менавозанд. | Душанбе, Вилояти Суғд | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В068 | СЕТОРНАВОЗӢ | Сетор, сози тории мусиқист, ки бо мизроб навохта мешавад. Косааш мурӯдшакл, аз чӯби тут ё чормағз тарошида мешавад. Сарпӯши онро аз чӯби тут тарошида дар болояш 5-6 сӯрох мекунанд. Сетор дастаи ғафс ва 18-20 парда дорад. Дарозии умумиаш 120-140 см буда, гӯшакҳо дар сари даста ҷой дорад. | Ноҳияҳои Шарқӣ ва ҷанубии Тоҷикистон | Нимфаъол |
| В069 | СУРНАЙНАВОЗӢ<br>*меҳтарнавозӣ* | Сурнай сози мусиқии нафасиест дар байни халқҳои эронитабор ва Қафқоз маъмул мебошад. Қисми пешаш васеи махрутшакл ва қисми поёнаш нисбатан борик аст. Дарозиаш 45-55 см, аз чӯби чормағз ва зардолу сохта мешавад. Рӯяш 7 сурох ва зераш як сурохи овозбарор дорад, ки онхоро бо ангушт мепӯшонанд. Нӯги борики вай сарпӯше дорад, ки бо он найчаи филиззӣ ва забонаки тунуки қамишӣ пайваста шуда барои навохтан хизмат мекунад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| В070 | ЛАБЧАНГНАВОЗӢ<br>*чангқовузнавозӣ* | Лабчанг (чангқовуз) сози мусиқии филиззии камоншакли забончадор, ки бо номҳои гуногун дар байни халқҳо маъмур аст. Лабчангро байни лабон гузошта бо дандонҳо озодона медоранд ва забонро аз паси он каме қафо нигоҳ медоранд. Онро аз думчааш дошта, бо ангушти дасти рост (баъзан дасти чап) забончаи мисли каждум каҷашро ба ларза медароранд. Барои ба вуҷуд овардани нағма ҷараёни нафасро бо ҳаракати забон тағйир медиҳанд. Лабчанг ҳамчун сози якканавозӣ ва ансамблӣ дар байни мардум маъмул аст. | Саросари кишвар | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B071 | ЧАНГНАВОЗӢ | Чанг, сози мусиқист, ки дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои Шарқ маъмул аст. Чанги ҳозира 72 тори филиззӣ ва ҳамон миқдор гӯшак дорад. Системаи қаторовозиаш аз 24 пардаи диатоникӣ ва хронавикӣ иборат аст. Чанг ба қатори созҳои якканавозӣ дохил шуда, дар оркестр ва ансамблҳои созҳои миллӣ васеъ истифода мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| B072 | НАЙНАВОЗӢ | Най навъе аз созҳои нафасии қадимаи мусиқии тоҷикист, ки аз пояи буттаи най (қамиш) ва ё чӯб сохта мешавад. Най оҳанги махсус дошта, дар алоҳидагӣ ва якҷоя бо дигар созҳо дар дастаҳои мусиқӣ навохта мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| B073 | РУБОБНАВОЗӢ,<br>*Рабоб, ребаб, ребак* | Рубоб, сози мизробии мусиқиест, дар байни халқҳои Шарқ, алалхусус тоҷикон маъмул аст. Шакли нави рубоби қошғарӣ 2 тори ҷуфт ва як тори синтетикии ғафс дорад. Рубоби қошғариро мизроб менавозанд. Дар муассисаҳои таълимӣ онро ёд медиҳанд.<br>Рубоби бадахшонӣ сози мусиқии торӣ-мизробиест, ки дар Тоҷикистон ва дар Бадахшони Афғонистон маъмул атс. Он дар асоси уд ё тори қафқози (ду косахона дорад) сохта шудааст. Рубоби Бадахшонӣ сози якканавозӣ ва дар ансамблу оркестри созҳои миллӣ васеъ истифода мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B074 | ҚОНУННАВОЗӢ<br>*шоҳруднавозӣ* | Қонун сози мусиқии қадимаи торест, ки ба чанг шабоҳат дошта, бо мизроб (нохунаки филлиҷӣ, ки ба сари ду ангушт ишоратии ду даст васл мешавад. Қонун дар мамлакатҳои Шарқи наздик ва Миёна, инчунин дар Арманистону Озарбойҷон хеле маъмул аст. Қонун қутии чубини трапетсиямонанд иборат аст. Сарпуши қутиро аз чуб тарошида, ба як қисми он пуст мекашанд. Дар руи пуст харак гузошта мешавад. Қонун 24-25 тори пай (сегона) дорад. Созро ба сари зону монда менавозанд. | Душанбе<br>Хуҷанд | Нимфаъол |
| B075 | ФАЛАК | Жанри мусиқии халқӣ, ки аз силсилаи оҳангҳо ва матни рубоиву дубайтиҳо иборат аст. Онро дар вақтҳои истироҳат, дар маъракаҳо, барои фароғати кишоварзон ва дар танҳоӣ иҷро мекунанд ва таронаҳояшро месароянд. Навъҳои фалаки роғӣ, даштӣ, бепарвофалак ва ғайра маъмул ҳастанд. | Вилояти Хатлон, Бадахшон,<br>Водии Рашт | Фаъол |
| B076 | ШАШМАҚОМ | Жанри мусиқии тоҷик, ки аз силсилаи оҳангҳо ва матнҳои лирикӣ иборат аст. Он аз шаш мақом фароҳам омада, бо навои танбӯр ва даф иҷро карда мешавад. Инчунин дар оҳангҳои Шашмақом аз созҳои мусиқӣ най, дутор, ғижжак ва чанг баъзан истифода мегарданд. Матни онҳо аз ғазалиёту қасоид ва маснавиҳои адабиёти классикии форсу тоҷик гирифта шудаанд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Фаъол |
| B077 | АМИРӢ | Суруд ва оҳанги базмии классикӣ. Дар ҷашну тантанаҳо иҷро мегардид. Асари халқист, ки дар ҳавои мақом эҷод шудааст, лекин ба Шашмақом ворид намешавад. | вилояти Суғд | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B078 | АНВАРЧА | Суруди шӯхи тӯёна буда, аз ҷониби гурӯҳи мардон тавассути қарсак ва ё сози дойра иҷро мегардад. Дар он сарбайтхон як байтро мехонад ва дигарон сари овозро гирифта нақаротро такрор мекунанд. Як нафар дар зери ҳавои суруд мерақсад. | Ноҳияи Панҷакент | Нимфаъол |
| B079 | АШӮРО<br>*Ошӯро* | Суруди маросимист, ки тавассути матнҳои тасаввуфию ирфонӣ иҷро мегардад. Оҳангаш маҳзуну форам аст. Дар гузашта таронаҳои ашӯро бо маросими азодорӣ бахшида ба қатли Имом Ҳусейн дар Карбало иртибот доштааст. | НТМ | Нимфаъол |
| B080 | АҲҲУ ЯККА | Суруди қадимаи маросимӣ буда, ба ягонагии худои яккаву ягона Аҳуро Маздо далолат мекунад. Айни замон ҳамчун суруди тӯёна маъмул аст. Гурӯҳи мардон давра ороста, онро тавассути қарсак иҷро менамоянд. | Ноҳияи Панҷакент | Нимфаъол |
| B081 | БАДЕҲА | Сухан ва ё шеъри шавқангез, ки бадоҳатан ва закитабъона гуфта мешавад. Суруди шӯхест, ки ҳазлу мазоҳро дарбар гирифта, аз ҷониби зан ва мард иҷро мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| B082 | БАЙТХОНӢ | Аз ҷониби яккахон ба тарзи суруд иҷро гардидани байтҳои гуногун. Оҳангаш вобаста ба вазни байт тағйир меёбад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| B083 | БАҲОРИЯ | Шеър ва суруди лирикист, ки зебоии фасли баҳорро тараннум менамояд. Бештар дар васфи Наврӯз суруда мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B084 | БЕДОД | Суруди қадимаи мавсимию маросимии халқи тоҷик аст, ки оғози онро ба давраи Сосониён – Борбади Марвазӣ нисбат медиҳанд. Каме ба ашӯла монандӣ дорад. | Ноҳияҳои кӯҳистони вилояти Суғд | Дар ҳоли нобудшавӣ |
| B085 | БОБОПИРАК | Суруди ривоятӣ – ҳаҷвист, ки аз ҷониби зану мард ва гурӯҳи доирадастон иҷро мегардад. Каме ба бадеҳа шабоҳат дорад. | Вилояти Суғд | Нимфаъол |
| B086 | БОҒ ДАРОЕД, ЯНГАМО | Суруди қадимаи шӯху рақсии тӯёнаи тоҷикон. Асосан дар тӯйҳои арӯсию домодӣ иҷро мегардад. Дар навоҳии шимоли Тоҷикистон ва шаҳрҳои Самарқанду Бухоро маъмул аст. | Водии Зарафшон | Фаъол |
| B087 | ҒАРИБНОМА | Суруди машҳури мардумии тоҷик аст, ки таърихи куҳан дорад. Он бо тарзи гуногун иҷро гардида, бекасию танҳоӣ, ғурбату ҷудоиро мазаммат мекунад ва муҳаббати беандозаи одамонро нисбати ёру диёр ва Ватани маҳбуб ифода менамояд. Оҳанги ҳазину дилхарош дорад | Саросари кишвар | Фаъол |
| B088 | БОЙЧЕЧАК | Суруду таронаҳои мавсимӣ, ки бо омад – омади баҳор иҷро мегарданд. Суруду таронаҳои «Бойчечак», «Гули сияҳгӯш», «Баҳор омад» ва ғайра ба он шомиланд. Сурудҳо аз ҷониби сарбайтхон ва гурӯҳи иштирокчиёни маросим иҷро мегарданд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| B089 | ГИЖДАЛЛА | Суруди тӯёна, ки аз ҷониби гурӯҳи мардон дар шакли базмӣ иҷро мегардад. Марде либосҳои занона пӯшида, дар зери оҳанги суруд мерақсад. | Навоҳии кӯҳистони водии Зарафшон | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B090 | ДИЛАК | Суруди мардумии Бадахшон. Асосан дар фароварди тӯй барои давом ёфтани базм, ду ё се нафар дойрадастон бо нақарот сар мекунанд. Давомнокии суруд дар байни яккахон ва нақаротсароён муттасил давом ёфта, фосила вуҷуд надорад. | ВМКБ | Фаъол |
| B091 | ДУВДУВАК | Суруди ғамангези мардуми кӯҳистони Бадахшон, ки асосан занону духтарон иҷро мекунанд. Дар ин суруд ғаму изтироби ҷудоӣ аз азизону наздикон ва васфи табиати зебои кӯҳсори Ватан, ишқу ҷавонӣ таҷассум меёбад. | ВМКБ | Фаъол |
| B092 | ДУХТАРИ ҲИРОТӢ | Суруду оҳанги шӯху гуворои мардумист, ки дар он ҳусну ҷамол ва нозу адои духтарон васф карда мешавад. | НТМ | Нимфаъол |
| B093 | ЁР – ЁР | Суруди маросимии тӯи арӯсию домодист, ки аз ҷониби гурӯҳи занон ва ё мардон ҳангоми ба хонаи домод овардани арӯс, бо қарсақ ва ҳамовозии дойра иҷро менамоянд. Гӯянда як мисраъро мехонад ва дигарон бо нидои «ёр-ёр-ёроне» онро тақвият медиҳанд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Фаъол |
| B094 | КАЧҶКУЛО | Суруди мардумии тоҷик аст, ки аз ҷониби рубоисаро иҷро мегардад. Нақаротро ду каси дигар ду борӣ такрор мекунанд. Баъзан мисраи аввал ба тариқи наср гуфта шуда, ду мисраи охир суруда мешавад. Иҷрои суруд намоиши театри халқиро ба ёд оварда, ҳофиз ба шакли мусофир даромада, аз зиндагии талху бенавоёна шикоят мекунад, дар охир ба ваҷд меояд. | Навоҳии Кӯлоб | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В095 | КӮЧАБОҒӢ | Суруди классикӣ – лирикии мардуми тоҷик буда, дорои оҳанги равону маҳзун ва фораму рӯҳбахш мебошад. Дар оҳанги суруд мутантанию ҳузн ба ҳам омехтаанд. | Вилояти Суғд | Нимфаъол |
| В096 | ЛАПАР | Солҳои 20-30-юми асри гузашта дар асоси бадеҳаҳои халқии Секинак, Бобо ва ғайра ба вуҷуд омадааст. Онро як нафар ва ёду нафар (зан ва мард) бо рақсу шӯхӣ ва имою ишора иҷро менамоянд. Аз лирика ва мазҳака саршор аст. Баъзе унсурҳояш решаҳои қадима доранд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| В097 | МАЙДА (ҲӮП – ҲӮП) | Суруди халқию мавсимии мардуми тоҷик, ки ҳангоми хирманкӯбӣ иҷро мешуд. Оҳангаш ғамангезу ҳузновар аст. Суруд аз дубайтиҳои гуногунмавзӯъ иборат буда, баъди ҳар байтро иҷро намудани яккахон хирманкӯбони дигар майдаё – майда гӯён ба ӯ ҳамовозӣ мекарданд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| В098 | МАН ДОҒ | Суруди қадимаи халқии тоҷик аст, ки оҳанги басӯз дошта, матнаш низ ифшогари ҳаёти вазнини мардум дар гузашта ва нодориву нокомиҳои рӯзгор аст. | Вилояти Хатлон | Нимфаъол |
| В099 | МИСКИН | Асари мусиқии классикии тоҷик буда, аз ҷониби ҳофизону мутрибони давру замонҳои гуногун дар пайравӣ ба суруду оҳангҳои «Шашмақом» эҷод шудаанд. Силсилаи он аз сурудҳои зерин иборат аст: Мискин, Мискини 1, Мискини 2, Савти Мискин ва ғайра. Усули онҳо ба «Баёт», «Ушшоқ», «Соқинома» мушобеҳ ҳастанд. | Вилояти Суғд | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В100 | МОШОБА | Суруди қадимаи ҳаҷвии тоҷикӣ буда, оҳанги шӯху тез дорад. Ширинкорону масхарабозон дар намоишҳои гуногун онро иҷро менамуданд. Дар зери зарби оҳанги суруд мерақсиданд. | Баъзе навоҳии шимоли Тоҷикистон | Дар ҳоли нобудшавӣ |
| В101 | МУНГА | Суруди ҳазину дардолуд аст, ки занон тавассути димоғ, бо лабони баста иҷро намуда, дарду алами ботинии худро бо сӯзу гудоз ифшо мекунанд. | Кӯҳистони болооби водии Зарафшон | Фаъол |
| В102 | МУНОҶОТ | Мусиқии классикии тоҷикист, ки оҳанги фораму ҳузнангез дошта, ҳамду наът ва розу ниёз ба худовандаст. | Вилояти Суғд | Фаъол |
| В103 | МУРҒАК<br>*Бале мурғак* | Суруди шӯхи мардумии тоҷик аст. Оҳанги равону ҳаяҷоновар дошта, тезу шавқовар иҷро мегардад. Дар мавригихонӣ низ истифода мешавад. | Водии Ҳисор, вилояти Хатлон | Нимфаъол |
| В104 | НАВРӮЗӢ | Суруди мавсимиву маросимии қадимаи тоҷикон, ки ба иди Наврӯз бахшида шудааст. Дар асоси он суруду таронаҳои гуногун ба монанди «Наврӯзи аҷам», «Наврӯзи сабо», «Наврӯзи хоро» ва ғайра ба вуҷуд омадаанд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B105 | НАҚШ | (Лаъле, лалола) суруди тӯёнаи мардуми тоҷик аст, ки асосан дар тӯйҳои арӯсӣ аз ҷониби сарнақшхон ва гурӯҳи мардон иҷро мегардад. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара ва Истаравшан нақши сеқисма (нақши калон, нақши миёна ва нақши хурд) маъмуланд. Дар кӯҳистони шимоли Тоҷикистон ду намуди нақшхонӣ («Шамъ» ва Нақши мулло) то имрӯз вуҷуд дорад. | Ноҳияҳои Исфара, Истаравшан, Айнӣ | Фаъол |
| B106 | САБЗАК | Суруди халқии тоҷикист, ки оҳанги шӯху пуртароват дошта, бо рӯҳбаландӣ иҷро карда мешавад. Суруди рақсӣ ва ишқӣ – лирикӣ буда, дар тӯю маросимҳо иҷро карда мешавад. | Вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| B107 | САРТАРОШОН | Суруди қадимаи маросимии халқи тоҷик аст, ки дар тӯи арӯсӣ ва хатнасур иҷро карда мешавад. Соҳибҷашнро ба тахт мешиноннанд ва мӯйсафеди сартарош қайчиву шона дар даст, ба кор шурӯъ мекунад. Баъди ҳар як мисраъро сурудани саровозхон аз ҷониби як гурӯҳ мардон нақарот такрор меёбад. Ҳозирин дар зери оҳанги суруд ба ракс медароянд. | Вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| B108 | СЕКИНАК | Суруди халқии тоҷикист, ки таърихи қадим дошта, дар тӯйҳои арӯсӣ иҷро мегардид. Зарби усули ба худ хос дошта, аз ҷониби гурӯҳи мардон иҷро мегардид. | Вилояти Суғд | Дар ҳолати нобудшавӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В109 | СЕТОРӢ | Суруди қадимаи мардуми тоҷик буда, асосан онро гурӯҳи занон иҷро мекунанд. Оҳанги фораму ҳазин дошта, мазмуни лирикӣ – ишқӣ дорад. | Водии Ҳисор, вилояти Хатлон, НТМ | Нимфаъол |
| В110 | СУСХОТУН | Суруди маросими мавсимиест, айнан монанд ба Ашаглон, ки ҳангоми хушксолӣ ва наборидани борон аз ҷониби дастаи сусхотунчиҳо ба иҷро мерасид. | Баъзе ноҳияҳои вилояти Суғд | Нимфаъол |
| В111 | ҲО ДИЛО ДИЛ | Суруди қадимаи тоҷикист, ки аз ду қисм иборат аст. Қисми аввал оҳанги равону форам ва каме маҳзун дорад. Суруди ишқӣ – лирикист. Асосан аз ҷониби гурӯҳи занон иҷро мешавад. Баъд аз иҷрои ҳар як мисраъи рубоӣ аз ҷониби гӯянда гурӯҳи занон «Ҳо дило дило диле - ҳо дило дило дил» - гӯён нақаротро такрор мекунад. Қисми дуюм ба оҳанги шухӯ муфарраҳ ва рақсӣ табдил меёбад. | Вилояти Хатлон, НТМ | Фаъол |
| В112 | ҲО ЛАЙЛИ – ЛАЙЛӢ | Суруди қадимии тоҷикист, ки дар маросими тӯи арӯсӣ иҷро мегардад. Суруд оҳанги шӯху равон ва мутантан дошта, мазмунҳои гуногунро дарбар мегирад. Сурудро, ки аз якчанд қисм иборат аст, гӯянда ва гурӯҳи иштирокчиён иҷро менамоянд. | Панҷакент, Ҳисор | Дар ҳолати нобудшавӣ |
| В113 | ТӮЁНА | Суруди халқии тоҷикӣ буда, оҳангаш шухӯ мутантан аст. Онро яккахон ва гурӯҳи ҳофизон иҷро мекунанд. Баъди аз ҷониби саровозхон иҷро гардидани як рубоӣ, гурӯҳӣ ҳофизон нақароти «Тӯй муборак шавад, боз муборак шавад» - ро месароянд. Асосан суруди мардона аст. Баъзан аз | Навоҳии шимоли Тоҷикистон | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ҷониби занон низ иҷро мешавад. | | |
| B114 | «УСМАШ НАМЕХОМ» | Суруди халқии тоҷикист. Оҳанги лирикию ором дорад, ки валсмонанд садо медиҳад. Асосан онро занон иҷро менамоянд. | Водии Ҳисор, НТМ | Нимфаъол |
| B115 | УСМОНҶОНУМЕ | Суруди мотамист, ки ба қатли сарвари шӯришгарони Ғарм бар зидди зулму истибдоди амир (1920) бахшида шудааст. Оҳанги суруд аламнок буда, дар он дарду ҳасрат ва нафрати гӯянда нисбати ҳокимони золим баён гардидааст. Суруд аз ҷониби навҳагар-зан иҷро мешавад. | Ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Тоҷикобод | Дар ҳолати нобудшавӣ |
| B115 | УСТОИ ЛАНГИ САРТАРОШ | Суруди қадимаи анъанавӣ ва як навъ драмаи мусиқии мардуми тоҷик буда, дар тӯйҳои арӯсӣ иҷро мешавад. Онро дар ибтидо ҷӯраҳои домод (шаҳмардон) ҳангоми гирифтани мӯи сари домод мехонанд. Дар Шуғнон ва водии Хуф бо номи «Имрӯзак чӣ рӯз, сартарошоне» машҳур аст. | Водии Ҳисор, навоҳии Кӯлоб | Фаъол |
| B116 | УШТУР БА ҚАТОР | Суруди қадимаи халқии тоҷикист, ки силсиласурудҳоро дарбар гирифта, ба шакли драма дароварда шудааст. Асоси онро суруди ҳаҷвии «Уштур ба чаман», ки дар барномаи мавригихонҳо маъмул, буд ташкил дода, онро ҳар як ҳунарманд вобаста ба маҳорату малакааш, бо тағиротҳо иҷро менамуд. Сурудро гурӯҳи мутрибон, соҳиби уштур (сароянда ва раққос) ва ду нафари дигар, ки нақши уштурро мебозанд, | Водии Ҳисор | Дар ҳолати нобудшавӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ичро менамоянд. Оҳанги рақсии шӯх дошта, асосан дар тӯйҳо месароянд. | | |
| B117 | УШТУРБАЧА, *Уштур ба чаман* | Суруди шӯхи рақсии тӯёна аст, ки аз барномаи мавригихонҳо сарчашма мегирад. Дар тӯю маросимҳои хурсандии мардуми тоҷик онро ба шакли драма даровардa ичро мекунанд. Сарбайтхон матни шӯху хандаоварро ба тарзи силсилавии изофашаванда ичро мекунад ва дар охири ҳар силсила сариовозгирон бозгӯйро ба шакли: «Уштурбача монд дар баландие, Чашмони уштур ойнабандие…». | Водии Ҳисор | Нимфаъол |
| B118 | ШАҲ МУБОРАК | Суруди мардумии тоҷикист, ки ба тарзи силсилавӣ ичро гардида, аз якчанд қисм иборат аст. Оғозаш оҳанги маҳзун, вале тантанавӣ дорад. Баъди як мисраъро сурудани гӯянда, дигарон «Шаҳ муборак боде»-ро бо як овоз месароянд. Сипас чун сурудҳои мавригӣ қисмҳои минбаъда нисбати якдигар шӯхтару тезтар мешаванд. | Вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| B119 | ШОҲДУХТАР | Суруди қадимаи халқии тоҷикист, ки ба тарзи бадеҳа аз ҷониби зану мард бо саволу ҷавоб ичро мегардад. Оҳанги шӯху рақсӣ дошта, хело хушҳолона садо медиҳад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| B120 | ЯЛАЛИ БОБО, ЯЛАЛӢ | Суруди қадимаи халқи тоҷик буда, оҳанги шӯху муфарраҳ ва унсурҳои мазҳакавӣ дорад. Гӯянда ба тарзи силсилавии замшаванда номи ашёро паи ҳам суруда, (масалан аррају барраю покию мокӣ ба дастам) сипас ялали бобо, ялалӣ мегӯяд ва дигарон онро қарсақзанон такрор мекунанд. | Водии Ҳисор | Дар ҳолати нобудшавӣ |

## ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

### Бахши 3. – Ҷашну маросимҳо (С000)

| **№** | **Номи унсур ва истилоҳоти дигар** | **Тавсифи мухтасар** | **Маҳалли густариш** | **Вазъи имрӯзаи унсур** |
|---|---|---|---|---|
| С001 | АРӮСБАРОН, *арӯсбуророн* | Анъанаест, ки лаҳзаи аз хонаи модар баровардани арӯс ва то хонаи домод бурдани ӯро дар бар мегирад. Арӯс дар зери либосҳои арӯсӣ ва дар паҳлӯяш дугонаи наздик (шоҳидааш) қарор мегирад. Ҳангоми баровардани арӯс ҳозирин зери навои карнаю сурнай ва дафу таблак рақсу хурсандӣ мекунанд. Падар ва ё бобои арӯс ӯро дуои хайр дода, ба хонаи домод гусел менамояд. Солҳои пеш арӯсро тавассути аспу ароба ва агар хонаи домод наздиктар бошад, пиёда рақсу сурудхонон мебурданд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| С002 | АРӮСБИНОН, *рӯйбинон* | Маросимест, ки баъд аз ба хонаи домод овардани арӯс баргузор мегардад. Дар ин маросим аслан занҳо ширкат меварзанд. Модар, апаю хохар, холаю аммаҳо, умуман хешу табори домод, ҳамсоязанҳо ҳар кадоме бо худ тӯҳфае гирифта барои дидани арӯс медароянд ва рӯймоли калони арӯсро боло намуда аз рӯхсораҳои ӯ мебӯсад. Ҳар кадоме аз рӯи қудраташ ба арӯс ва оилаи нав тӯҳфа тақдим менамоянд. Пас аз ин бонувон доиранавозӣ ва сурдхонию рақс барпо менамоянд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С003 | АРӮСТАЛБОН, *ҳафтаталбон,* *талбон* | Баъд аз гузаштани як ҳафта, ё чанд моҳи маросими ҷашни арӯсӣ модари арӯс кулча, дастархон омода намуда, ҳамроҳи як зани дигар ба хонаи духтараш меояд. Модари домод зиёфат ороста ҳамсоязанҳоро ба назди ӯ даъват менамод. Ин маросим арӯсталбон ва дар баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳафтаталбон ном дорад, зеро модари арӯс духтарашро ҳамроҳи домод бори аввал баъди тӯяшон ба хонаи худ ба меҳмонӣ даъват менамояд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| С004 | ГАҲВОРАБАХШ *говарабахш* | Расми анъанавиест, ки дар байни тоҷикон аз замонҳои қадим маъмул буд. Агар дар ду хонаводаи ба ҳам наздик дар яке писар ва дар дигаре духтар таваллуд шавад, бо нияти мустаҳкам шудани риштаи хешутаборӣ онҳоро ба ҳам гавҳорабахш ё худ номзад эълон мекарданд. То ба воя расидани кӯдакон оилаҳо ба писару духтар ҳадяҳо ва идиҳо мефиристоданд. Баъд ба балоғат расидани онҳо ва фароҳам омадани шароити арӯсӣ онҳоро ба ҳам оиладор мекарданд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| С005 | ИНТИХОБИ АРӮС, *келунхушкунӣ,* *арӯскобӣ* | Интихоби арӯс яке аз марҳилаҳои асосӣ ва оғози ҷашни арӯсӣ ба шумор меравад. Волидайни писар деҳа ба деҳа гашта арӯси арзанда меҷустанд. Дар интихоби арӯс хислату рафтор, ҳусну ҷамол, ва ҳатто вазъи оилавии арӯсшаванда пурра ба инобат гирифта мешуд. Духтардор низ ҳуқуқи мавқуф гузоштан ва муайян намудани хулқу атвори домодшавандаро дошт. | Саросари кишвар | Фаъол |
| С006 | КЕЛИНТАЛБОН | Келинталбон анъанаест, ки хешовандони наздики домод ба хотири эҳтиром, бо оростани зиёфат ва даъвати махсус ва ё баъзан дар ягон маъракаи тӯю хурсандиҳояшон наварӯсро ба хонаҳои худ даъват менамоянд. Дар ин меҳмонӣ келинро домод ва наздикони ӯ, аслан занҳо ҳамроҳӣ менамоянд. Ҳангоми вориди ҳавлӣ шудани наварӯс пояндозпартоӣ ва қанду ширинидиҳӣ барпо мешавад ва вақти бозгашт ба арӯс ҳамчун рамзи эҳтиром аз ҷониби соҳибхона сарупои махсус тақдим мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С007 | ҚИНҒОЛБОЗӢ, *номзадбозӣ, нисбатбозӣ, бахшидабозӣ* | Расми пеш аз ҷашни арӯсии тоҷикон, вохӯрии арӯсу домод пеш аз тӯйи арӯсӣ барои шиносоӣ ва омӯзиши ҳамдигар. Одатан бахшидабозӣ пас аз маросими фотиҳа (рӯймолакгирон, сафедигирон) то тӯйи асосӣ ба муддати аз як ҳафта то якчанд моҳ, ҳатто як-ду сол давом меёфт. Дар ин давра волидайн ба таҳияи ҷиҳези арӯс ва гирд овардани хароҷоти тӯй машғул мешуданд. | Саросари кишвар | Дар ҳолати нобудшавӣ |
| С008 | ПАРЧАБУРОН, *чокбурон, кӯрпадӯзон.* | Ин маросим занона буда, пас аз овардани ҷиҳозу қалини арӯс дар хонаи арӯс баргузор мешавад. Пас аз хӯрдани зиёфат молу матоъҳои барои арӯс овардаро бароварда, ба пора карда дӯхтани либос шурӯъ менамоянд. Саравал як зани рӯзгордида бо дуои хайр поракуниро оғоз менамояд. Сипас риштаи корро зани ҳунарманде гирифта, аз матоъҳо барои арӯс сару по медӯзанд. | Саросари кишвар | Ғайрифаъо л |
| С009 | САФЕДГИРОН, *рӯймолтиён, даҳонбандон.* | Яке аз маросими пеш аз ҷашни арӯсӣ. Хароҷоти ин бахш бар дӯши падару модари арӯс буда, пас аз додани зиёфати калон ба тамоми ҳозирин ва ҳамсояҳо пораи матоъ ва ё рӯймолчае якҷоя бо пораи нонҳои равғанин, кулчаю қатмол ва ширинӣ тақсим карда мешавад. Ин амал маънои номзад шудани духтар ва бастан даҳони мардумро дорад. Баъди гузаронидани хамин бахш дигар хостгорҳо ба хонаи арӯси номзадшуданамеоянд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор, водии Зарафшон | Нимфаъол |
| С010 | ФОТИҲАТӮЙ, *ноншиканон.* | Маросими фотиҳа дар хонаи духтардор баргузор мегардад. Аз ҳарду ҷониб нонҳои равғанӣ фатиру қаламаҳо пухта, дар рӯи дастурхон мегузоранд. Муйсафеди рӯзгордидае баъди дуою фотиҳа нон шикаста, ба рӯйи дастурхон мегузорад. Аз ин рӯ дар баъзе минтақаҳо ин маросимро «ноншиканон» низ меноманд.<br>Дар ин маросим намояндагони тарафи домод ба хонаи духтардор омада баъди хӯрдани зиёфат қалин ва хароҷоти тӯйи ҳар ду тарафро руйхат намуда, ба падари домод месупоранд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| | РАВҒАНРЕЗОН | Маросими занонаи суннатии тоҷикон, ки дар рӯзи дуюми арӯсӣ дар хонаи домод баргузор мегардад. Аввал дасти арӯсро болои орд гузошта аз болояш равған мерезанд, арӯс орд бехта хамир | Саросари | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С011 | *дастчарбон ,<br>рӯйбинак,<br>рӯйбинон,<br>келинсалом* | мекунад ва аз ин хамир баъдан кулча мепазад. Яъне бо ин роҳ ҳунари пазандагии ӯро месанҷанд. Ин таъбир ҳам ба хотири рамзи сафедӣ, фаровонии зиндагӣ ва ҳам пайвандшавии хешу табории оилаи навбунёд ба ҷо оварда мешавад. | кишвар | |
| С012 | ХОСТГОРӢ,<br>*оқсақолӣ,<br>завчигӣ,<br>гапрасонӣ* | Маросими оғози никоҳ буда, дар падари хонаи арӯс мегузарад. Намояндагони тарафи домод бо дастархону меваю шириниҳо ба хонаи духтардор меоянд ва ба писарашон арӯс кардани духтари онҳоро дархост мекунанд. Пас аз зиёфат волидайн ва хешовандони духтар розигӣ ё рад карданашонро ба меҳмонон мерасонанд. Баъзан муҳлат талабида, пас аз якчанд рӯз посух медиҳанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| С013 | САБЗИРЕЗАКУ-НОН,<br>*бехирезакунон.* | Як рӯз қабл аз ҷашни арӯсӣ, хешу табор ва ҳамсояҳои тӯйдор (аслан мардон) дар хонаи соҳибҷашн ҷамъ омада, як-ду халта сабзиро реза мекунанд. Ин сабзиҳо дар рӯзи дигар барои пухтани оши палав, ки барои аҳли маҳала оши наҳор дода мешавад, омода карда мешавад. Ҳангоми реза кардани сабзӣ мардон сурудхонӣ, латифаву аскиягӯӣ менамоянд, то ин ки хасташавиро эҳсос накунанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| С014 | ОРДБЕЗОН,<br>*сурфакушоён* | Яке аз маросимҳои занонаи таркиби ҷашни арӯсии мардуми тоҷик. Он одатан дар арафаи ҷашни арӯсӣ дар манзили духтардор баргузор мегардад. Дар ноҳияҳои водии Ҳисор ордбезонро пеш аз хатнасур низ барпо мекунанд. Занҳои маҳалла бо даъвати тӯйдор як-ду рӯз пеш аз тӯйи калон ҷамъ омада, миқдори муайяни ордро бехта, хамир карда нону кулчаи тӯёна мепазанд. Ҳангоми ордбезӣ бонувон доира навохта, рақсу бозӣ мекунанд. Занон инчунин байни худ бо ҳазлу шӯхӣ ордпошӣ намуда, сару рӯи якдигарро сафед месозанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| С015 | МАСЛИҲАТ-ОШӢ | Як-ду рӯз пеш аз тӯй соҳибхона дар хонааш ош пухта мӯйсафедони ботаҷриба, хешу табор ва наздиконашро даъват менамояд. Ҳангоми хӯрдани зиёфат роҳу равиши баргузории тӯйро муайян менамоянд. Инчунин ба ҳама ҳангоми баргузории тӯй вазифаҳои муайян тақсим карда мешавад. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор, водии Зарафшон | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| C016 | НАВРӮЗ | Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои мардумони эронитабор, аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад, ки ба фарҳанги қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ бо ҳамин ном гузаштааст. Наврӯз ба муносибати баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат ва оғози кишту кори кишоварзону боғдорон дар саросари кишвар бо барномаву базму маҳфилҳо ва баргузор мегардад. Ойину суннатҳои тоҷикон дар айёми Наврӯз инҳоянд, ки аксари онҳо то ба имрӯз роиҷанд: гулгардонӣ, хонабуророн,чаҳоршанбеи охирон, суманакпазӣ, оштикунонӣ, бозиҳои варзишӣ ва мусобиқот, хӯрокҳои анъанавии наврӯзӣ, ҳафт шин ва ғ. Наврӯз ҳамчун ҷашни сулҳу ваҳдат ва инсону табиат ҳамаи мардумони кишварро новобаста ба қавму нажоду маҳал, дину мазҳаб ва ҷинсу синну сол ба ҳам дӯсту қарин ва муттаҳид мегардонад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| C017 | МЕҲРГОН, *Иди ҳосилот* | Меҳргон, ҷашни қадимаи халқи тоҷик буда, дар он кишоварзону боғдорон ва чорводорону ҳунармандон намунаҳои дастранҷу заҳмати худро ба намоиш мегузоранд. Моҳияти ин ҷашнро шукронаи худованд аз неъмату ҳосили ба даст овардаи аҳли заҳмат ташкил медиҳад. Дар гузашта суфраҳои меҳргонӣ низ дар ҳар хонадон гузошта мешуд, ки дар он себ, муруд, лимӯ, хӯшаи гандум, ойина, ангур, паллаи тарозу ва гули нилуфар мегузоштанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| C018 | ГУЛГАРДОНӢ, *бойчечак* | Расми мавсимиест, ки бачагон бо чида овардани гулҳои баҳории сиёҳгуш, гули зардак ё гули наврӯзӣ (бойчечак) ба хонаҳо муждаи омадани баҳорро мерасонанд. Бачагон ба дари ҳар хонадон рафта таронаи махсусеро якҷоя мехонанд. Аз хонаҳо ба бачаҳои гулгардон гандум, нахӯд, лӯбиё ва ғайра ҳадя медиҳанд. | Суғд, Хатлон, Водии Ҳисор | Нимфаъол |
| C019 | ХАТНАСУР | Маросими суннатии мусулмонон мебошад, ки ба муносибати хатнаи писарбачаи ноболиғ сурат мегирад ва якҷоя бо маъракаву шодмонӣ барпо мешавад. Рӯзи сур волидайн ба соҳибҷашн сару либоси фохир пӯшонида, дастаи | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | навозангдагонро даъват мекарданд ва онҳо бо дафу нақора, сурнаю карнай ячанд соат ба мардуми ба зиёфат ҷамъомада шодию нишот мебахшиданд. | | |
| C020 | ҲИНОБАНДОН | Яке аз расмҳои занонаи тоҷикон, ки дар рӯзҳои идҳо ва ҷашни арӯсӣ дар мавриди ба дасту пои худ бастани ҳино иҷро мешавад. Ҳинобандон дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Насафу Шаҳрисабз Панҷакент, Шаҳринаву Ҳисор ва инчунин дар шаҳру рустоҳои Хуросони Эрон маъмул буд. Дар байни сокинони водии Рашт ва Кӯлоб ин маросимро “саршӯён” меномиданд. | Водии Зарафшон, водии Ҳисор | Дар ҳоли фаромӯшӣ қарор дорад |
| C021 | ЧОДАРБАРОН | Навъе аз маросими таркиби ҷашни арӯсии тоҷикон, ки пас аз хондани хутбаи никоҳ иҷро мешавад. Вақте арӯсро зери чодар оварданд, дар бари ӯ домод низ рост меистад ва наздикони арӯсу домод якчанд расму ойинҳои суннатиро баргузор мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| C022 | БИБӢ МУШКИЛКУШО<br><br>*Бибӣ Сешанбегӣ* | Маросими маишии занона ва номи олиҳаи мушкилкушои асотири тоҷикон мебошад. Маросими Б.М. дар рӯзҳои чоршанбе бо иштироки 3-7, баъзан шумораи бештари занҳо гузаронида мешавад. Онро занҳое барпо мекунанд, ки мушкилие ба сарашон омадааст, ё худ бо мақсади бахткушоии ҷавонон, тандурустӣ, фарзандталабӣ, сафари бехатар ва ғайра баргузор мегардад. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| C023 | ХОКСАЛОМ | Баъд аз гуронидани мурда се саҳар хешу ақрабояш ва наздиконаш ба сари манзилаш (қабраш) рафта, аз оётҳои Қуръон тиловат мекунанд. Аммо мардуми ҳамон маҳал бошад ба хонаи мурдадор рафта дуъохонӣ мекунанд, ки ин рамзи ҳамдардию тасаллият баён карданро ифода мекунад. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С024 | СЕБЕГАҲА | Себегаҳа дар байни мардуми тоҷик хеле роиҷ аст.Баъд аз гузаштани се рӯз дар хонаи мурдадор ашхосе, ки дар ҷаноза хидмат карданд, аз қабили қабрканҳо, ғассолҳо (мурдашӯйҳо), кафандӯзҳо ва муллои ҷанозахонро даъват намуда таом медиҳанд.Дар охир пул ё тугунчае баста, гусел мекунанд. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С025 | БИСТ | Маъракаи «бист» баъд аз мурури бист ё камтар аз он даҳ-понздаҳ рӯз барпо карда мешавад, дар он иштироки меҳмонон маҳдуд аст.Фақат хешу ақрабои марҳум ҷамъ меоянд ва як зиёфат ороста ба рӯҳу арвоҳаш мебахшанд. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С026 | ЧИЛ | «Чил» бар хилофи маъракаи «бист» хеле бодабдаба гузаронида мешавад. Бо гузашти бист ё чил рӯз барпо карда мешавад.Дар ин рӯз хешу табор, ёру дустон аз дуру наздик даъват мешаванд. Ин маърака низ монанди «бист» таом дода мешавад ва савоби таомро ба рӯҳу арвоҳи марҳум мебахшанд. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С027 | ШАШМОҲАГӢ | Ин навъи маърака баъди гузаштани се ё шаш моҳ пас аз ҷаноза гузаронида мешавад. «Шашмоҳагӣ» монанди маъракаи «Бист» он қадар калон набуда, дар доираи хешу табори наздик гузаронида мешавад. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С028 | САРИ СОЛ | Дар баъзе минтақаҳо мардум «Сари сол»-ро баъди нӯҳ моҳ ва дар баъзе минтақаҳои дигар баъди ёздаҳ моҳ барпо мекунанд. Ин маърака нисбати дигар маъракаҳои азо хеле калонтару бошукӯҳтар мегузарад ва меҳмонон аз дуру наздик даъват мешаванд.Ин маънои онро дорад, ки соҳиби ин маърака аз азо мебарояд. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С029 | СОЛ<br>*соли бутун, хотирҷамъӣ* | Расо баъди як сол, яъне рӯзи вафоти марҳум ин маросим гузаронида мешавад. Ин маърака чандон калон гузаронида намешавад ин ҳам бошад дар ҳалқаи хешу ақрабо барпо мегардад. Ин чорабинӣ маънои хотирҷамъӣ ва адо намудани маъракаҳои азодорӣ барои мардум мебошад. | Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С030 | ДУШАНБЕГӢ | Чуноне, ки аз номи он бармеояд ин маросим дар рӯзи душанбе дар хонаи марҳум қайд карда мешавад.Дар баъзе минтақаҳо нисфирӯзӣ ва дар баъзе ҷойҳо бегоҳ аз 5 то 10 нафар хешу табор ва ҳамсояҳои наздикро даъват намуда, зиёфат медиҳанд. Ин анъана то маъракаи «чил» давом мекунад. | Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С031 | ПАНҶШАН-БЕГӢ,<br><br>*Ҷумъагӣ* | Ин маросим ҳам монанди маъракаи «душанбегӣ» мебошад, аммо дар рӯзи панҷшанбе гузаронида мешавад. Дар баъзе минтақаҳо нисфирӯзӣ ва дар баъзе ҷойҳо бегоҳ аз 5 то 10 нафар хешу табор ва ҳамсояҳои наздикро даъват намуда, зиёфат медиҳанд ва ин то «сари сол» гузаронида мешавад. | Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С032 | ТАРАКА | Дар рӯзи ҷаноза аввал фарзандони мархӯм сипас наздиконаш ҷамъ омада, чизҳои шахси вафоткардаро баробар тақсим мекунанд. ин чараён баъзан баъди гуронидан ё бо гузаштани чанд рӯз амалӣ мегардад. | Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С033 | ТУХМҶАНГАК, *тухмшиканӣ* | Дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон кӯдакон ва наврасон хона ба хона мегарданд ва соҳибхона ба онҳо ҳамчун туҳфаи идона тухм ҳадя мекунанд ва онҳо баъди ин анъанашон дар маркази деҳа ё маҳали истиқоматашон ҷамъ омада, тухмҳои гирифтаашонро «ҷанг» меандозанд. Яъне ду тухмро сар ба сар монда якеаш мезанад , агар тухми кадомаш, ки шикаст ҳамон шахс мағлуб дониста шуда, тухмашро медиҳад. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С034 | ИДИ РАМАЗОН | Ҳар сол ин моҳ бо вақту соати муаян меояд. Ин моҳ аз тарафи мардум муқаддас дониста шуда, дар ин моҳ мардуми тоҷик рӯза медоранд.Баъди гузашти 30 рӯз иди Рамазонро ҷашн мегиранд.Дар ин рӯз мардум дар хонаҳояшон дастурхони идона таҳия мекунанд. Кӯдакон бошанд хона ба хона мегарданд калонон ба масҷидҳои ҷомеашон рафта намози идро мегузоранд, сипас ба хонаҳои шахсони фавтида рафта дуъову фотиҳа мекунанд. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С035 | ИДИ ҚУРБОН | Иди Қурбон баъди гузаштани 2 моҳу 10 рӯзи иди Рамазон меояд, яъне мувофиқ ба моҳи “зул- ҳиҷҷа”-и солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ мебошад.Дар ин рӯз мардум дастурхон ороста, кӯдакон бошанд хона ба хона мегарданд калонон ба масҷидҳои ҷомеашон рафта намози идро мегузоранд, баъди он ашхоси сарватманд ба қурбоникунӣ машғул мешаванд, яъне гусфандеро забҳ мекунанду аз он таом таёр мекунанд ва дигарон рафта тановул мекунанд. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С036 | ИДГАРДАК | Ин анъана дар 1 сол 2 маротиба гузаронида мешавад. Аслан ин маросим аз тарфи кӯдакон гузаронида мешавад.Дар ин рӯз кӯдакон либосҳои наву идона ба бар карда, дар дастҳояшон як халтагӣ гирифта хона ба хона «Иди нав муборак, тухмҳои нав қаторак!» гӯён мегарданд ва соҳибхона ҳамчун ҳадия ба онҳо тухм, қанд,сақич, кулчаву ҳалво тақдим мекунад. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| C037 | МАВЛУД | Ҷашни мавлуд, яъне таваллуди паёмбари ислом Муҳаммад (с) мебошад.Таҷлили ин ҷашн бо фаро расидани моҳи “рабиъ-ул-аввал” дар солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ шурӯъ мешавад. Дар байни мардуми тоҷик то муддати 3 моҳ баргузор мегардад. Ин ҷашн дар хона ё масҷидҳо гузаронида мешавад. Дар он олимони дин, домуллоҳо, ҳофизони Қуръон ва меҳмонон даъват карда мешавад. Дар ин маърака аз ҷониби эшон панду насиҳатҳо,нақлу ривоятҳо аз рӯзгори паёмбари ислом Муҳаммад (с) ва қироатҳо аз Қуръон карда мешавад. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| C038 | ПАЙҒАМ-БАРОШӢ, *Пайғамбар-тӯӣ* | Ҳар фарде, ки ба синни 63 мерасад ин санаро ҳамчун умри муборaки паёмбар қайд мекунад. Шахси мазкур мувофиқи шароити молияш хешу ақрабояшро даъват намуда, зиёфат меорояд. Баъзеашон сарояндагону доиранавозонро таклиф намуда хотири меҳмононро шод менамояд, баъзеи дигарашон бошанд ҳрфизони Қуръонро оварда, қуръонхонӣ мекунанд. Дар охир ба меҳмонон ҳамчун ҳадия яктогӣ рӯймол ё ягон чизи дигар тӯҳфа медиҳанд, ки ин рамзи нияти нек аст. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| C039 | ЗИЁРАТИ МАЗОРҲО | Ин анъана миёни мардуми тоҷик маъмул аст. Бештари мардуме, ки ҳоҷат доранд ба зиёрати мазорҳо мераванд. Одатан рӯзҳои чоршанбе ва шанбе рафта дар гирди қабри ҳамон бузургвор давр мезананду ягон гӯсфандеро забҳ мекунанд, инро «назр» мегӯянд баъзеашон фатиру қалама пухта мебаранд ва аз Қуръон оятҳо тиловат мекунанд ё аз мутаваллии ҳамон мазор хоҳиш мекунанд. кит иловат кунад. Дар охир чи ҳоҷоту дархосте, ки доранд талаб мекунанд. Зиёраткунандагон бештар барои шифо ёфтан, фарзанддор шудан ва ё сафар кардан ба роҳҳои дур мераванд. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С040 | КӮРПАДӮЗОН, *пахтарезон.* | Маъракаи занона буда, баъди овардани пахтаю матоъҳо барои кӯрпаю болин дар хонаи арӯс рӯзи муайяне занони ҳунарманд даъват карда мешаванд. Баъди хӯрдани зиёфат зани рӯзгордидаи серфарзанде дуои нек ба хонадоршавандаҳо медиҳад сипас занон ба пора кардан ва дӯхтани кӯрпаю болинҳои арӯсӣ шрӯъ менамоянд. Ҳангоми дамгирӣ рақсу сурудхонӣ менамоянд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор, водии Зарафшон | Фаъол |
| С041 | БАРФӢ | Ба муносибати боридани барфи аввал одамон дар як коғазча паёми «Барфӣ» менавиштанд ва ба хешу ақрабову ёру рафиқони наздикашон равон мекарданд. «Барфӣ» тибқи анъана бояд бо назм иншо шуда, мазмуни он аз талаб кардани ягон зиёфат мебошад.<br>Шахси паёмовари «Барфӣ» ҳамон рӯзи барфи аввал дар киса ё бағали худ онро пинҳон медорад ва бо баҳонае сӯи хонаи дӯсташ раҳсипор мегардад. Дар баъзе ҷойҳо вақте ки шахси паёмоварро медоштанд, рӯяшро бо сиёҳии дег сиёҳ намуда, ҳар гуна шӯхиҳо мекарданд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| С042 | БУЗКАШӢ, *улог, кӯбкорӣ* | Мусобиқаи бузкашӣ дар миёни мардуми тоҷик хеле маъмул аст. Аслан ин маросимро бо омадани ҷашни Наврӯз, яъне дар фасли баҳор бештар амалӣ месозанд. Ин анъана аз тарафи ҳукумати маҳаллӣ ё баъзе шахсҳои алоҳидаи сарватманд низ дар тӯйҳояшон созмон дода мешавад.<br>Як рӯз пеш бузеро сар мезананд ва дар об тар карда мегузоранд. Рӯзи бозӣ дар як майдони васеъ гурӯҳи иштирокчиёни мусобиқа (човандозон) ҷамъ меоянд. Ҳар касе, ки ҷасади бузро ба марра мерасонад, ғолиб дониста мешавад. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С043 | ГАҲВОРА-БАНДОН | Гаҳворабандон, ба муносибати бори аввал ба гаҳвораи нав бастани тифли навзод барпо мешавад. Вақте ки навхонадорон соҳиби фарзанди нахустин шуданд, одатан пас аз баромадани чиллаи кӯдак падару модари арӯс барои тифли навзод гаҳвора ва лавозимоти онро харида, ҳамроҳ бо тӯҳфаҳои дигар дар рӯзи муайяншуда ба хонаи духтарашон мебаранд. Ягон кампири табаррук, ё зани хушбахте, ки соҳиби фарзандони солиму солеҳ бошад, бо дуо ва нияти нек гаҳвораро омода намуда мебандад. | Вилояти Суғд, вилояти Хатлон, водии Ҳисор | Фаъол |
| С043 | ДОМОД-САЛОМ, *домодчигон, домодталбон, шаҳсалом* | Анъанаи тоҷикон буда, пас аз гузаштани ҷашни арӯсӣ ба хотири эҳтироми хусуру хушдоман баргузор мегардад. Домод се саҳар барои салом додан ба хонаи падарарӯсаш меояд. Дар баъзе минтақаҳо саломи рӯзи аввалро «рӯйбинон», саломи рӯзи дуввумро «шармшикан» ва саломи рӯзи саввумро «покушод» меноманд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор,водии Зарафшон | Фаъол |
| С044 | ДОМОД-ТАЛБОН | Маросими домодро пазироӣ кардан аз тарафи падару модари арӯсро мегӯянд, ки ин маросим баъд аз 3-4 рӯз ё 2-3 ҳафтаи шаби никоҳ баргузор мегардад.<br>Домод барои пос доштани анъанаҳои аҷдодӣ рӯи худро то ҷашни арӯсӣ аз хешовандони арӯс паноҳ мекунад.Аз ин сабаб бо мақсади шиносондани домод бо аҳли хонаводаи арӯс маросими домодталбон барпо карда мешавад. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор,водии Зарафшон | Фаъол |
| С045 | АШАГЛОН *сусхотун* | Маросимест, ки дар хушксолӣ ва муддати дароз наборидани борон иҷро мегардид. Суруди Ашаглон аз ҷониби яккахон ва гурӯҳи одамон иҷро мегардид. Тавассути он мардум аз осмон боридани боронро талаб менамуд. | Навоҳии Кӯлоб, водии Ҳисор | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| C046 | САДА | Ҷашни қадимии мардумони эронитабор. Моҳияти ҷашни Садаро пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва некӣ ба бадӣ ташкил медиҳад. Сада дар гузашта ҳамасола дар рӯзи 10-уми моҳи баҳмани солшумории ҳиҷрии хуршедӣ таҷлил мегардид. Мардум дар замонҳои қадим бо баргузории ин ҷашн на танҳо шодиву хурсандӣ карда, аз ғаму ғуссаи рӯзгор фориғ мешуданд, балки тавассути оташафрӯзӣ гармию баҳорро даъват мекарданд. Ҷашни Сада аз замони ориёиҳо сар карда то даврони салтанати ғазнавиёну салҷуқиён ва дар баъзе минтақаҳо то замони истилои муғул маъмул буда, дар дарбор ва байни мардум дар қатори ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардид. | – | Ғайри-фаъол |

## ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

### Бахши 3. – Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ (D000)

| **№** | **Номи унсур ва истилоҳоти дигар** | **Тавсифи мухтасар** | **Маҳалли густариш** | **Вазъи имрӯзаи унсур** |
|---|---|---|---|---|
| D001 | ГАШТАК , *гап, гапхӯрӣ* | Маҳфили анъанавиест, ки ҷавонон, мардҳо ва баъзан занҳо гурӯҳи алоҳида шуда, ба навбат дар хонаҳои якдигар ҷамъ меоянд ва таом хӯрда, суҳбат мeороянд. Баъзан дар гаштакҳо созҳои мусиқӣ навохта, суруд мехонанд. Афсонаву ривоят ва латифагӯйӣ мекунанд. Дар баъзе ҷойҳо маҳфили гаштакро дар чойхона, тарабхона ва ё меҳмонхонаҳо барпо мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| D002 | ҲАШАР | Анъанаи кори дастаҷамъона, ки ҳангоми иҷрои корҳои калонҳаҷм истифода мегардад. Маъмулан сохтани биноҳо, таъмири роҳу пулҳо, тоза кардани ҷӯю соҳилҳо, кишти зироатҳо, дарави ғалла ва монанди инҳо тавассути ҳашар иҷро карда мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| | | Одати меҳмондории мардуми тоҷик расму одоби махсусе | Саросари | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| D003 | МЕҲМОНӢ | дорад. Одоби нишаст, гуфтугӯ, хӯрокхӯрӣ, эҳтироми калонсолон ва амсоли инҳо барои тоҷикон хос мебошад. Тоҷикон меҳмонро хеле ҳурмат менамоянд. | кишвар | |
| D004 | ОБЁРИИ СУННАТӢ | Дар байни кишоварзон таҷрибаву малакаҳо оид ба ҷӯйканӣ, обёрӣ, обтақсимкунӣ, дарғотсозӣ, нигаҳдории об дар ҳавзҳо, тоза нигоҳ доштани об мавҷуданд. Деҳқонон ҳангоми об додани киштҳои пахта, гандум, анвои ғалладона, сабзавоту дарахтон усулҳои хос ва донишҳои зиёди суннатиро ба кор мебаранд. | Саросари кишвар | Фаъол |

## ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

### Бахши 5. – Ҳунарҳои мардумӣ (E000)

| **№** | **Номи унсур** | **Тавсифи мухтасар** | **Маҳалли густариш** | **Вазъи имрӯзаи унсур** |
|---|---|---|---|---|
| E001 | БОФАНДАГӢ | Ҷараёни технологии аз ресмон бофтани матоъ. Матоъ аз бофтаи ду низоми наххои нисбат ба ҳамдигар амудӣ – тору пуд ҳосил мешавад. Тору пуд дар заминаи нахпечонӣ, тортанӣ, оҳардиҳӣ ва фарқкушоӣ тайёр карда мешавад. Абрешим, пашм, зағирпоя, канаб, пахта, чут ва ғайра ашёи хоми бофандагианд. Дар давоми асрҳо аҳолии маҳаллӣ аз алоча, қаламӣ, суф, чит, карбос, дока ва ғайра истифода мебурданд. | Истаравшан Қаратоғ, Хуҷанд | Дар ҳоли азбайнравӣ |
| E002 | ЧАКАНДӮЗӢ | Санъати чакандӯзӣ навъе аз тарзҳои дӯхтани гулҳо, нақшу нигор ва тасвирҳои рамзнок бо риштаҳои ранга дар матои пахтагин мебошад. Одатан гулдузии чакан дар курта, сӯзанӣ, болишт, ҷойпӯш, бардеворӣ, тоқӣ, гаҳворапӯш, камарбанд, рӯмол ва ғайра истифода мешавад. Ҳар нақши дар болои матоъ дӯхташуда ном дорад, чунончи косагул, гули анор, барги бед, | Вилояти Хатлон | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | моҳу ситора, офтоб, абр ва монанди инҳо. Аз ҳама бештар сӯзанӣ, курта ва тоқии чакан аз ҷониби ҳунармандон дӯхта мешавад. Куртаи чакан махсус барои занҳову духтарон дӯхта мешавад. Дар ҷашнҳои расмӣ ва идҳои халқӣ духтарон ҳатман куртаи чакан ба бар мекунанд. | | |
| E003 | ЗАРГАРӢ | Як навъ ҳунари истеҳсоли маснуоти ороишӣ, ки тавассути он зару зевар, асбобу ашёи рӯзгор, либосу аслиҳаи ҷангӣ ва амсоли инҳо аз фулузот (тилло, нуқра, мис, биринҷӣ, оҳан ва ғ.), сангҳои қиматбаҳову арзонбаҳо (алмос, лаъл, ёқут, фирӯза, зумуррад, лоҷвард, ҷазъ, булури кӯҳӣ, ҷамаст, яшм, қаҳрабо, ақиқ ва ғ.), аз модаҳои органикӣ (устухони фил, садаф, марворид, чӯб) сохта мешавад. | Душанбе, Истаравшан Қаратоғ, Хуҷанд | Фаъол |
| E004 | ЗАРДӮЗӢ | Зардӯзӣ навъҳои гуногун дорад. Ду навъи он: заминдӯзӣ ва гулдӯзӣ маъмул аст. Дар заминдӯзӣ нақш тамоми сатҳи заминро фаро гирифта, дар он ҷои холӣ намемонад. Дар навъи гулдӯзи бошад, нақш танҳо дар рӯи қолаб дӯхта мешавад. Зардӯзон тарҳи наққошон ё худашон тайёркардаро аз коғаз бурида рӯи матоъ мечаспонанд ва аз рӯи он кук мекунанд. Баъд зарро рӯи нусха монда аз ду тараф бахия мезананд. | Душанбе, Истаравшан водии Ҳисор, Хуҷанд | Фаъол |
| E005 | КАНДАКОРӢ | Усули коркарди бадеии чӯб, санг, устухон, гач, гил ва ғ., ки бо роҳи кандану бурида гирифтан ҳосил мешавад. Кандакорӣ дар меъморӣ (ороиши биноҳо), истехсоли ашёву анҷоми рӯзгор ва ғ. истифода мешавад. Дар кандакорӣ, асосан, чубро (арча, чанор, тут, чормағз) ба кор бурда, аз онҳо ашёҳои рӯзгор (коса, табақ, кавш ва ғ.), шоҳсутунҳову бошаҳо, раву болор, дару дарвозаҳои нақшин, панҷара ва амсоли ин месохтанд. Ҳунари кандакорӣ дар ороиши чойхонаҳо, масчидҳо, хонаҳои истиқоматӣ истифода мешавад. Ҳамчунин дар солҳои охир шакли қолабии (рехтани гач) ин амал маъмул шудааст, ки барои ороиши биноҳо ва хонаҳои истиқоматӣ истифода мебаранд. | Истаравшан водии Ҳисор, Хуҷанд | Фаъол |
| | | Соҳаи ҳунармандӣ, ки аз хоки махсус сохтани ашё, хусусан, | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| E006 | КУЛОЛӢ | зарфро дар бар мегирад. Барои инкишофи ин ҳунар, пеш аз ҳама, мавҷудияти хоки мувофиқ мусоидат кардааст. Имрӯз дар устохонаву корхонаҳо, фабрикаҳо ва комбинатҳои таълимии истеҳсолӣ маснуоти кулолӣ истеҳсол карда мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| E007 | МИСГАРӢ | Ҳунари аз мис сохтани асбоби рӯзгор, аслиҳа ва ашёи гуногун. Афзори мисгар, асосан, паргор, пӯлодқалам, қайроқ ва болға мебошад. Чойҷӯш, офтоба, табақ, лаълӣ, дастшӯй, кӯза, қандоб, яхмос, чилим, шамъдон ва ғайра навъҳои маъмули ашёи мисӣ буданд. Ҳоло дар корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ ин ҳунар дар ривоҷ буда, мисгарон дар амали худ услубҳои анъанавӣ ва муосирро омезиш медиҳанд. | Истаравшан Хуҷанд | Нимфаъол |
| E008 | НАМАДРЕЗӢ | Яке аз ҳунарҳои қадимаи мардумӣ, ки истеҳсоли он аз пашми гусфанд ва баъзан аз пашми буз сурат мегирад. Пеш аз рехтани намад пашмро интихоб намуда онро мешӯянд, хушк мекунанд ва савча (савачӯб) мезананд. Намадресон пашмро ба андозаи лозима паҳн карда, ба болояш оби ҷӯш пошида мемоланд. Баъд лулаи мазкурро ресмонпеч карда, ду кас аз ду тараф истода, ресмонро ба навбат тарафи худ мекашанд. Чун пашм андаке сахт шуд, онро 6-8 нафар бо панҷаву оринҷ мемоланд. | Зарафшон, Ҳисор, Дарвоз Кӯлоб | Нимфаъол |
| E009 | САНДУҚСОЗӢ | Як навъ ҳунари қадимаи мардумист, ки аз чуб сохтани асбоби рӯзгор, қутии калоне, ки дар он анҷоми рӯзгор, асбоби зиннат ва дигар чизҳои нодирро нигоҳ медоранд, дар бар мегирад. Тахтаҳои пеш, қафо ва зери сандуқро ба ҳам васл намуда, мехкӯб мекунанд. Қисми пеши сандуқро тунука кашида онро ба таври дилхоҳ оро медиҳанд. Тунукаро бо мех зарб зада дар рӯи он нақши гул ё ягон нақши дигарро мепартоянд, сипас ба рӯяш ранг мемоланд. Барои бардоштани сандуқ ба ду паҳлӯи он ҳалқа мешинонанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| E010 | САРТАРОШӢ | Як навъ касби анъанавӣ, ки дар гузашта машғулияти мардона буд. Имрӯз занҳо низ ба ин ҳунар майл доранд. Сартарош баробари тарошидани мӯйсар, риш ва тартиб даровардани мӯйлаб, инчунин хатна, хунгирӣ, табобати баъзе касалиҳои асабро ба уҳда дошт. Аксари сартарошҳо шогирд доштанд. | Саросари кишвар | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Баъди омӯхтани касб шогирд маросими розигии устодро мегузаронд ва пас аз он устои мустақил мешуд. | | Фаъол |
| E011 | ГУЛДӮЗӢ | Навъи санъати ороиши амалии халқии қадима буда, бо сӯзан ва чангакҳои махсуси гулдӯзӣ дар рӯи матоъҳои гуногун бо ресмонҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ ва наххои зариву нуқрагӣ, инчунин бо сангҳои қиматбаҳо, шадаи майда, муҳраи реза, пулакчаҳои рахшон, тангаҳо, марҷону марворидҳо дастӣ иҷро карда мешавад. Гулдӯзӣ, асосан, шуғли хонагӣ буда, барои ороиши сару либос, истиқоматгоҳ, ҷиҳози хона, ашёи шахсӣ ва дигар васоили зиндагӣ истифода мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| E012 | ҲАЛВОГАРӢ | Як навъ ҳунари қандолотрезӣ буда, аз шакар, орд, ҷавҳари лиму ва равған тайёр кардани ҳалво аст. Ба дег шакар ва об андохта меҷӯшонанд. Баъд ба қиёми тайёршуда ҷавҳаи лиму илова карда меҷӯшонанд. Ба қиёми ҷавҳардор орди бирёнро кам-кам рехта бо белчаи чӯбӣ то хамир шудани он лат медиҳанд. Ба рӯи тахта, сурфа ва ё тағора орд пошида, бар он хамираи ҳалворо мерезанд ва то тор-тор шуданаш гоҳ-гоҳ орд пошида якчанд маротиба ба ду тараф мекашанд. | Истаравшан, Зарафшон, Ҳисор | Нимфаъол |
| E013 | ҶӮРОББОФӢ | Ҳунари қадимаи мардуми кӯҳистон буда, тайёр кардани як навъ пойпӯши маъмулан пашмин мебошад. Ҷӯробро аз қадимулайём тоҷикони кӯҳистон, аз ҷумла Помир дар рӯзҳои тӯй, ид ба меҳмонон тӯҳфа мекарданд, ки ин анъана то имрӯз давом дорад. Ҷӯроб аз қисми соқ, пошна ва пошнача иборат аст. Онро ҳар бофанда мувофиқи завқу маҳораташ гулпартоӣ мекунад. Ду навъи ҷуроб: мӯзаҷуроб (дароз) ва ҷӯробак (кӯтоҳ) маъмул аст. Ҳамчунин ду тарзи бофтани ҷуроб вуҷуд дорад: яксиха ва панҷсиха. | Помир | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| E014 | ТОҚИДӮЗӢ | Ин ҳунар таърихи қадима дошта, мувофиқи шароити маҳал, табъи одамон ва ривоҷу равнақи санъати амалии халқ навъҳои гуногунро пайдо кардааст, ки чуст, чоргули ироқӣ, такдӯзӣ ё чамангул, зардӯзӣ, юрма, пӯпакдор, тӯртӯппӣ, духоб, кабуд аз қабили онҳост. Дар ҷануби Тоҷикистон тоқии мудаввар ва гумбазшакл ва дар шимоли кишвар тоқии чоркунҷа маъмул аст. Матоъи тоқиҳои ноҳияҳои ҷануб аз карбос, алоча, чити ранга, шоҳӣ, махмал, парча духта мешаванд. Тоқиҳо шакли мардона, занона ва бачагонаро доранд. | Истаравшан, Хуҷанд | Фаъол |
| E015 | ГАҲВОРАСОЗӢ | Як навъи ҳунаре, ки аз чӯби бед, чормағз, зардолу ва тут гаҳвора месозанд. Одатан дарозии гаҳвора 1-1,5 м, бараш 35- 45 см ва баландиаш зиёда аз 50-60 см мешавад. Асоси гаҳвора аз (тир) даста ва тахтачӯба иборат буда, поёнтари тахтачӯбро барои тубак (сиба) сурох мекунанд. Даставу тахтачӯба аз ду тараф бо чамбари нимдоира васл мешаванд. Барои муҳофизати сар ва пои кӯдак ба дохили чамбар ба тарзи амудӣ чӯбакҳо мегузоранд. Даставу чамбарҳо ва қасабаи гаҳвораро наққошиву кандакорӣ мекунанд. | Саросари кишварӣ | Фаъол |
| E016 | КОШИНПАЗӢ<br>*Кошингарӣ, кошинрезӣ* | Касби анъанавие, ки тавассути он аз гилмоя бо минералҳо, оксидҳо ва дигар пайвастагиҳои ғайриорганикии омехташуда кошин истеҳсол мешавад. Барои мустаҳкам шудани гилмоя ба он мӯй, намакхок ҳамроҳ мекарданд. Гилмояи тайёрро ба қолабҳо мерехтанд, сипас онро дар хумдонҳои яктарафа ё дутарафа гузошта, дар ҳарорати хеле баланд мепухтанд. Баъд ба рӯи порчаҳои сафол сир медавониданд. Кошинҳои сирдорро 2-3 маротиба сир молида мепухтанд. | Истаравшан | Нимфаъол |
| E017 | НАҚҚОШӢ,<br>*нақшкашӣ* | Ҳунари офаридани нақш, маҳсули эҷоди ҳунармандони халқӣ ва касбӣ, яке аз навъҳои қадимаи санъати ороиши амалӣ. Наққошӣ таърихи қадима дошта, инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кӯлолӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ, гулдӯзӣ ба тараққиёти он | Саросари | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | мусоидат намудааст. Дар наққошии нусхаҳои гиреҳ (гиреҳи паргор, мадохил, ҷавак, секунҷа, мураббаъ, ситораҳо, чоркалид, чоркарта, доира, морпеч, мавҷ, кункура…), ислимӣ (қуштаноб, марғула, бодом, анор, гули хайрӣ, садбарг, лола, тоҷи хурӯс, нилуфар, ангур, анҷир…), катиба, акси ҷонварон ( булбул, тутӣ, паланг, кабк…) маъмуланд. | кишвар | |
| E018 | ДУРЕДГАРӢ,<br>*чӯбкорӣ, наҷҷорӣ* | Соҳаи ҳунармандӣ, ки ҷузъҳои иморатсозӣ, афзорсозӣ ва сохтани ҷиҳози рӯзгор (ҷевон, гаҳвора, созҳои мусиқӣ, сандуқ, ароба, зин, табақҳо, қошуқҳои чӯбӣ ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Маводи хоми наҷҷорӣ, асосан, чӯб ва ашёи ҷузъӣ-ширеш, шилм, меху мехчӯбҳо мебошад. Афзори наҷҷорӣ дастранда, ҷафсранда, аспакранда, дарозранда, гулранда, новаранда, комаранда, арраҳои гуногуну исканаҳои хархела буда, сабти чунин навъи нақшҳо тавассути асбобҳои махсус-уштургардан, гурсунба, қалами ростак, гунёи форсӣ, паргор ва ғайра сурат мегирифт. | Саросари кишвар | Фаъол |
| E019 | ЧАРМГАРӢ,<br>*пӯстгарӣ* | Як навъ ҳунари тайёр кардани пуст барои духтани афзор. Пустгарӣ, аввалҳо дар байни бодиянишинҳо, дертар аҳолии муқими Осиёи Миёна маъмул шуд. Аввал пӯстро дар оби ширгарм тар намуда, ба он намак ва хамиртурш меомезанд ва муддате то ош хӯрдан нигоҳ медоранд. Баъд онро бо корд ва ё лос тоза мекунанд. | Саросари кишвар | Сустфаъол |
| E020 | ПӮСТИНДӮЗӢ | Дӯхтани як навъ либоси зимистона, ки аз пӯсти барра, гусфанд, рӯбоҳ, хирс, гург, шағол, санҷоб ва дигар ҳайвонҳои ваҳшӣ дӯхта мешавад. Ду навъи пӯстин маъмул аст: абрадор ва беабра. Пусти барраро барои остин, тахтапушт, тириз порча-порча бурида, аз беқасаб ва ё дигар матои зебо фаровез мекунанд. Пӯстини беабра аз порчаҳои калон-калон буридашудаи пӯсти серпашми гӯсфанд тайёр карда мешавад. | Навоҳии кӯҳӣ | Фаъол |
| E021 | САБАДБОФӢ | Навъи ҳунари мардумии аз химча ва ё навдаҳои дарахт бофтани асбоби рӯзгор, зарфи гуногуншакл, ки барои гирифтани мева, сабзавот, нон ва ғайра истифода мебаранд. Сабадро аз навдаи бед, тут, биҳӣ, анор, илғай ва ғ. мебофтанд. Ҳоло аз сим низ мебофанд. Сабад хелҳои гуногун дорад: сабади гирда, сабади | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дарозрӯя, харсабад, сабади нон, сабади дастадор, охурсабад, симсабад ва ғайра. Ҳоло сабадҳоро дар корхонаи махсус ва бо масолеҳи гуногун (хас, навда, сим, пластик, резин ва ғ. тайёр мекунанд. | | |
| E022 | НАДДОФӢ, *савачӯбзанӣ, шада* | Ҳунари пахтаро бо чӯбҳои махсус ғоз-ғоз кардан. Мардум бо савачӯбҳо пахтаи кӯрпа, курпача болин, либос ва ғ.-ро сава мекунанд. Саваро аз навдаи душохаи дарахти сахту қаиш (тут, сада, биҳӣ, илғай ва ғ.) месозанд. Дар баъзе маҳалҳо 6-8 дона навдаро гирифта, ба андозаи 120-140 см (ғафсиаш 1,5 см) мебуранд ва онҳоро пуст канда хушк мекунанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| E023 | АТЛАСБОФӢ | Матои атлас дар замонҳои пеш дар дастгоҳҳои махсус бофта мешуд, ҳоло дар корхонаҳои замонавӣ истеҳсол мешавад. Нусхаҳои анъанавии онро шоҳсабз, барги карам ва атласи сиёҳ меномиданд. Атласи абрешимиро барои либосҳои занона ва нимабрешимиашро барои абраи кӯрпаю кӯрпача ва ғайра истифода мебурданд. Раванди коркарди абрешим аз се марҳилаи асосӣ иборат буд: тайёр кардани калоба ё ресмон, бофтан ва ороиши матоъ. Рангубор намудани калоба ду зинаро дар бар мегирифт: ишқоркунӣ ва кабудгарӣ. Атласҳои машҳур бо номҳои «Баҳори Тоҷикистон», «Ҷавонӣ»,«Туҳфа», «Тӯёна», «Муҳаббат», «Дилором», «Тирукамон», «Хосиятхон» ва ғайра номгузорӣ шудаанд. | Вилояти Суғд | Нимфаъол |
| E024 | САФОЛРЕЗӢ | Ҳунари аз омехтаи гилмоя, хамираи минералҳо, оксидҳо ва ғ. Тайёр кардани зарфҳо, сохтмон (хишт, сафоли бомпӯш, нова, сафолтахта, кошӣ, ҷузъҳои муҷассамаҳо), техника, нақлиёти обию ҳавоӣ ва роҳи оҳан, санъати ороишию амалӣ ва ҳайкалтарошӣ бисёр истифода мешавад. Сафол навои гуногун дорад, ки гили сӯхта, маснуоти кулолӣ, мино, чинии хом, чинӣ, хоксанг аз қабили онҳост. | Истаравшан | Нимфаъол |
| | | Истеҳсоли маснуоти сафолӣ, ки тайёр намудани гилмоя, қолибгирӣ, ороиш ва пухтани онро дар бар мегирад. Ду навъи | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| E025 | САФОЛПАЗӢ | маснуоти сафолӣ мавҷуд аст: зич ва ковок. Барои офаридани маснуоти сафолӣ гилмояи чандир мустаҳкам ва мувофиқро интихоб менамоянд. Барои тайёр намудани гилмоя ҷинсҳои гуногун: рег, шамот, хоксанг, кварс, омехтаи ордаҳои растаниро истифода мебаранд. Дар натиҷаи майда кардан ва омехтани ин ҷинсҳо гилмоя ё хамираи тайёр ҳосил мешавад, ки баъд онро ба қолаб мерезанд. Қолабҳоро дар хумдон мепазанд. Баъди пухтан ва обутоб додан масолеҳро гулкорӣ мекунанд. | Истаравшан, Ҳисор, Исфара | Нимфаъол |
| E026 | ХОТАМКОРӢ (*хотамбандӣ*) | Ҳунари аз дандони фил, устухони уштур, ва ё чӯб кандакорӣ ва нақшунигор кардан; ороиши маснуоти гуногун ва девори иморатҳо бо тасвирот ва нақшунигоре, ки аз порчаҳои мармар, хиштчаҳои сирдор, шиша, салаф, устухон, филиз, чӯб ва ғ. сохта шудааст. Амали хотамкорӣ аз кандани замина ба андозаю шакли хотам ва ба кома (ҷӯяк)-и ҳосилшуда насб кардани хотам бо ширеш, сирешим ва ғ. иборат аст. Дар хотамкорӣ, асосан, филизкӯбӣ (филиз бо филиз), интарсия (чӯб бо чӯб) ва санг бо дигар санг маъмул аст. | Кишварӣ | Нимфаъол |
| E027 | АНГУШТАРИН -СОЗӢ<br><br>*чалласозӣ* | Як навъ ҳунари заргарӣ ва нафиса, ки аз нукра, тилло ва дигар филиззот ангуштарин сохта мешавад. Ангуштарин ҳамчун унсури ороишӣ аз қадимулайём истифода мешавад. Имрӯз вай ҳамчун туҳфаи тарафайни домод ва арӯс маъмул аст. | Кишварӣ | Фаъол |
| E028 | ҚОЛАБСОЗӢ *қолибрезӣ* | Андоза ва ё нақши барҷастае, ки ҳунармандони халқӣ ба воситаи он накш ва тасвирҳо тайёр мекунанд. Сохтани қолаб низ ҳунар аст, ки дар гузашта аз гил, санг ва филиз сурат мегирифтааст. Имрӯз дар қолабсозӣ гач, чуб ва пласмас маъмултар шудааст. Колабро ҳам барои сохтани ашёҳои гуногун ва ҳам барои тасвир ва гулпартоӣ истифода мебаранд. Колаб ҳамчун навъи ҳунар дар байни кулолгарон, заргарон, меъморон маъмул мебошад. | Кишварӣ | Фаъол |
| | ҚАНДАЛОТ-ПАЗӢ | Яке аз ҳунарҳои қадимаи мардумӣ, ки истеҳсоли шириниҳои гуногун, аз қабили парварда, қандолот ва ҳалворо дар бар мегирад. Дар рехтани қандолот аввал мағзро (зардолу, чормағз) | Вилояти Суғд, | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| E029 | | дар оташ таф медиҳанд. Баъд ба миқдори муайян мағзро дар тағораи дудаста рехта дар гармии оташ бод медиҳанд. Дар ин раванд нафаре киёмро оҳиста-оҳиста ба рӯи мағзҳо мерезад. Хамин тавр, дар тули 25-30 дақиқа қандолот тайёр мешавад. | водии Ҳисор | Нимфаъол |
| E030 | ШАРОБКАШӢ | Ҳунари аз ангур тайёр намудани шароб (мусаллас) аст. Ангурро аввал бо даст, баъд бо по мушт ва сум мезананд то обаш ҷудо шавад. Оби ҷудошударо полида ба зарфи шишагӣ мегиранд, ба он се дона қанди сафед партофта даҳонашро бо сарпӯши миёнаш найчадор маҳкам карда, нуги найчаро ба шишаи обдор мемонанд. Ҳарду зарфро то тамоман ҷушидани шарбат дар офтоб мегузоранд. Ҳамин ки шарбат аз ҷушиш монд, онро ба шишаҳо гирифта, даҳонашро маҳкам карда дар ҷои салқин мегузоранд ва истеъмол мекунанд. | Кишварӣ | Нимфаъол |
| E031 | ДУКАРЕСӢ | Як навъи ресидани ришта аз пахта ва пашм тавассути асбоби чубӣ ва ё фулузӣ, ки дук ном дорад. Ду шакли дук маълум аст: дастӣ ва чархӣ. Дуки дастӣ навъҳои гуногун дорад: ҷаврезӣ, чилик, орчуқ, чалак ва ғайра. Ҷараёни дукаресиро интихоби пашм ва ё пахта, шустан, хушк кардан ва нарм кардани он ташкил медиҳад. Пашм ва ё риштаро дар шакли калоба омода намуда, бо ангуштон нахи маҳин мебофанд ва тавассути дук онро ба чарха (гардиш) дароварда, ресмон (ришта) ҳосил мекунанд. | водиҳои Зарафшон, Ҳисор, Рашт | Нимфаъол |
| E032 | САНГКОРӢ (*сангнигорӣ*) | Навъи ҳунарест, ки дар соҳаи бинокорӣ истифода мешавад. Сангкорӣ аз чидани хишт ё санг, соручрезӣ ва ғ., инчунин аз сохтани чӯбдасту хавозаҳои бинокорӣ, ба ҷои кор кашонда тайёр кардани масолеҳ ва ғ. иборат аст. | Кишварӣ | Нимфаъол |
| E033 | ГУЛБАНДӢ | Навъе аз санъати гулпартоии матоъҳои пахтагин. Тавассути риштапеш карда, бастани пораҳои матоъ ва ба ранг тар кардани қисмҳои дигари матоъ нақши содаи гулҳо ба вуҷуд меояд. | Кӯлоб ва навоҳии атрофи он | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| E034 | ЧИТГАРӢ | Санъати нақшгузории матоъи сӯф тавассути қолибҳо. Матоъро пас ҷӯшонидан ва оҳар додан ба болои намади харак паҳн карда, аввал нақшҳои сиёҳи онро бо қолибҳо мекӯфтанд. Пас аз нақши сиёҳ гузоштан, читро меовехтанд, то ки ранги он хушк шавад. Коргари дигар бо ранги сурх нақши гулҳоро насб мекард. Матои орододашударо дар оби тоза обгардон намуда мехушкониданд. Сипас чити нақшдорро ранги сурх пошида, ба деги рангобаш ҷӯшида истода меандохтанд ва чанд соат меҷӯшониданд. Вақте ки матоъ ранги сурхи мунаққашро мегирифт, онро аз дег берун оварда мехушкониданд. | Истаравшан | Дар ҳоли азбайнравӣ қарор дорад. |

## ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ НАМУНАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

## БАХШИ 6. ТАЪОМҲОИ МИЛЛӢ (G 000)

| № | Номи унсур | Тафсири мухтасар | Маҳали густариш | Вазъи имрӯзаи унсур |
|---|---|---|---|---|
| F001 | АЙРОН | Навъе аз нӯшокиҳои чорводорон, онро аз шири қутос, уштур, буз ва гӯсфанд тайёр мекунанд. Шири хомро бо ширмоя турушонида дар машк аз як то се шабонарӯз нигоҳ медоранд. Айрон нӯшокии серғизо, ташнашикан, шифобахш аст, дар таркибаш равған, қанд ва ғ. дорад. | Ҷиргатол, Мурғоб | Нимфаъол |
| F002 | СУМАНАК, | Як навъ ҳалвои рамзноки баҳорӣ, ки хосси Наврӯз буда, аз | Саросари | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | *сумалак* | шираи майсаи гандум, равған ва орд пухта мешавад. | кишвар | Фаъол |
| F003 | АСАЛЧОЙ | Аз ҷумлаи нӯшокиҳои миллии тоҷикӣ. Ба чойи кабут ва ё фомил мувофиқи матлаб асал ҳамроҳ ва омехта карда менӯшанд. Ҳар қадар ки асал тоза бошад, асалчой ҳамон қадар гуворо, гармидиҳанда, ғизобахш ва парҳезӣ ҳисоб меёбад. | Саросари кишвар | фаъол |
| F004 | АТОЛА | Таоми миллии тоҷикон буда, аз орд, об, равған намак тайёр мешавад. Атола таоми парҳезӣ, табобатӣ, ҳазмшаванда, арақовар аст. Атола ширӣ, равғанӣ, кочӣ мешавад. | Саросари кишвар | нимфаъол |
| F005 | АФШУРА (афшурда, шарбати мева) | Навъҳои гуногуни нӯшокие, ки аз мева, ғуҷуммева ва сабзавот тайёр карда мешавад. Таркиби афшура аз навъҳои гуногуни моддаҳои ғизоӣ бой аст. Афшура зуд ҳазм мешавад, хусусияти тару тозагии меваю сабзавотро нигоҳ медорад, нӯшокии<br><br>парҳезӣ. Афшураро аз ангур, себ, анор, сабзи, зардолу, олу, лимӯ, норанҷ, афлесун, помидор ҳосил мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F006 | БАРРАКАБОБ | Барракабобро аз гӯшти барраи ширмак, одатан ҳангоми тӯлчинӣ тайёр мекунанд. Гушти барраро шӯста, намак пошида, пиёзҳамроҳ карда дар равғани доғ бирён мекунанд, хӯроки хушхӯр, зудҳазм, бо лаззат аст. | Дар минтақаи кӯҳистони Хатлон, Қаротегин, води ҳисор | Нимфаъол |
| F006 | БАРРАШӮРБО | Гӯшти барраи ду –шашмоҳаро пора карда, намак пошида, дам дода, дар об шуста дар деги обдор, дар оташи маҳин меҷӯшонанд, бехпиёз, сабзӣ, шалғам, зира ҳамроҳ мекунанд, гармогарм мехӯранд, обашро ба хӯроки суюқ ҳамроҳ | Дар минтақаи кӯҳистони Хатлон, Қаротеғин, | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | мекунанд. | водии Ҳисор | Нимфаъол |
| F007 | БЕДОНАБИРЁН | Бедонаро ба оби ҷӯш андохта, тоза карда, шӯста, андаруни намакоб 10-20 дақиқа нигоҳ медоранд, равғану лиму молида, зира ва мурч пошида, дар равғани доғ мепазанд. Хуроки серғизо, лаззатбахш аст. | Дар минтақаҳои соҳили дарё ва доманакӯҳи Ҷ Т | Нимфаъол |
| F008 | БЕДОНАШӮРБО | Бедонаро тоза шӯста, намак пошида ба деги обдор андохта, дар оташи маҳин меҷӯшонанд, баъди нимпаз шуданаш бо он бехпиёз, сабзӣ, шалғам ва кабутӣ ҳамроҳ мекунанд, хӯроки миллии болаззат, қувватбахш аст. | Дар минтақаҳои соҳили дарё, кӯҳистони Ҷ Т | Нимфаъол |
| F009 | БИРИНҶОБА | Яке аз намудҳои таоми миллӣ, ки аз биринҷ, об, бехпиёз, сабзӣ, помидор, равған, кабудӣ, намаку мурч тайёр карда мешавад, он хӯроки хушхӯр, сабук ва парҳезист | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0010 | МУРАББО | Навъе аз ширинии анъанавӣ, ки аз меваҳо ва сабзавот бо иловаи шакар дар оташи паст пухта мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0011 | БОИМҶОН-БИРЁН | Боимҷони расидаро шӯста, реза карда, намак, орд, пошида, дар равғани зард бирён мекунанд, бо пиёзи резаи тирдода қабат андар қабат мегузоранд, хамираи помидор ҳамроҳ карда меҷӯшонанд, бо рӯяш қаймоқ мемоланд. Хӯроки сабуки миллӣ, парҳезӣ ва гуворо мебошад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| F0012 | БОИМҶОН-ШӮРБО | Аз ҷумлаи хӯроки миллии тоҷикон, ки бомиҷон, равған, картошкаву пиёз, сабзӣ, нахӯду лӯбиё ва дигар адвиёт таҳия мешавад. Онро бештар дар табақҳо фатир реза карда, аз болояш мерезанд ва бо чакка истеъмол менамоянд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0013 | ЧАГАЛДАК | Навъе аз хӯроки миллии тоҷикон, ки аз орди гандуми аълосифат, шир, тухм, шакар, намакоб тайёр карда, ба шакли лӯнда ва паҳно дар равғани пухта мешавад, ба рӯяш шакар мепошанд, таъоми серғизо ва хушхӯр аст. | Рашт, водии Ҳисор, Суғд, Кӯлоб | Фаъол |
| F0014 | ГУЛОБ | Навъи қадимаи нӯшокии тоҷикӣ. Аз барги гули хушбӯйи садбарг бо усули тақтир ва бо ҷушонидани об дар деги махсуси гулобкашии анбиқ ҳосил карда мешавад. Гулобро дар маҳсулоти қаннодӣ истифода мебаранд, дар зарфи сарпӯшида нигоҳ медоранд. | Ҳисор, Шаҳринав, Панҷакент,<br>Хуҷанд | Дар ҳоли нобудшав ӣ |
| F0015 | КАЛЛАПОЧА | Ин навъи хӯрокро аз каллапоча ва ишкамбаи буз, гӯсфанд, гов тайёр мекунанд. Онҳоро тоза карда, шуста, реза карда, дар деги об якчанд соат меҷӯшонанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0016 | ХОЧБИРЁН,<br>*Қорчбирён* | Як намуди хӯроки миллӣ. Дар деги равғандор хоч, намак ва баъзе адвиёти хуштамъкунандро андохта, бирён мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0017 | ГӮШТБИРЁН | Аз маъмултарин хӯрокҳои миллии тоҷикӣ, аз гушти гӯсфанд, бузи кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ гов тайёр мекунанд. Гӯштро пора карда намак пошида, як ду соат дар ҷойи сард нигоҳ медоранд, пас онро дар равғани дунба бирён мекунанд, дар зарфи сарпӯшида нигоҳ медоранд, хӯроки серғизо, гармдиҳанда, гуворо, зудтайёр аст. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| F0018 | МУРҒБИРЁН | Яке аз хӯрокҳои маъруф, ки аз гӯшти мурғ бо иловаи адвиёт дар равғани растанӣ бирён мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0019 | ЧАНГОЛӢ, | Чанголиро аз фатири гарм ва равғани маска тайёр мекунанд. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0020 | ҒӮЛУНГОБ | Ғӯлунгобро аз навъи қоқи зардолуи ширин, нардон тайёр мекунанд. Зардолуқоқро бо оби хунук, пас ширгарм тоза шуста ба зарф андохта болояш оби ҷӯш мерезанд, даҳони зарфро мепӯшанд, аз шом то субҳ нигоҳ медоранд. Нӯшокии парҳезӣ, шифоӣ, наврӯзӣ аст. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0021 | КАДУБИРЁН | Навъе аз хуроки миллии парҳезӣ. Аз каду, намак, орд ва равғани тайёр карда мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0022 | КАДУШӮРБО | Навъи шӯрбои миллӣ, ки аз об, гӯшт, каду, пиёз, сабзӣ, помидор, зира, қаламфур ва намак тайёр карда мешавад, хӯроки сабуки парҳезӣ | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0023 | КАБОБИ ТОКӢ | Аз ҷумлаи ғизои наврӯзии миллӣ. Аз гӯшти қиммаи гӯсфанд, лавбарги ток, пиёз, помидор, равғани пухта мешавад. Хӯроки баҳорӣ ва хушхӯру гуворо. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0024 | СИХКАБОБ, *шашлик* | Хӯроки маъруф, ки аз гӯшти гов, гӯсфанд, буз, мурғ ва моҳӣ бо иловаи баъзе сабзавот ва адвиёт дар оташ пухта мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0025 | | Яке аз намудҳои хӯроки миллӣ, ки аз анвои сабзавот ва гӯшти | Вилояти Суғд, | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ДАМЛАМА | гов ё гӯсфанд иборат буда, дар оташи паст пухта мешавад. | водии Ҳисор | Фаъол |
| F0026 | КАБОБИ ТАНӮРӢ,<br>тандуркабоб | Кабобе, ки маъмулан аз гӯшти гӯсфанд, баъзан аз гӯшти гову буз дар танӯр пухта мешавад. Ба оташи он ҳезуми бурс ё арча ва гиёҳҳои хӯшбӯй меандозанд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Фаъол |
| F0027 | ОШИ ТУППА | Навъе аз хӯроки тоҷикӣ, ки пораҳои хамири ҷӯшонида бо иловаи шакароб, чакка ва қаламфур истеъмол мекунанд. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Фаъол |
| F0028 | ӮМОЧ | Навъе аз хӯроки қадимаи маросимии тоҷикӣ, аз резаи хамири орди гандум, равған ва шир тайёр карда мешавад. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| F0029 | БАРАК,<br>*тушбера* | Як намуди хӯроки миллӣ, ки аз хамири дар дарунаш гӯшту пиёз печонидашуда иборат буда, якҷоя бо равғани растанӣ ва баъзе сабзавот пухта мешавад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0030 | ОРДОБ,<br>гардсӯз | Як намуди хӯроки миллӣ, ки аз орд, шир ва равған иборат мебошад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0031 | УГРО,<br>*оши бурида* | Таоми маъмулии миллии тоҷик, аз орди гандум, об, гӯшт, пиёз, равған адвиёт таркиб меёбад, ширӣ, равғанӣ, ҷурғотӣ мешавад, хӯроки парҳезӣ, табобатӣ, барои хушхӯрӣ ғулунги туруш ҳамроҳ мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| F0032 | МАНТУ | Хӯроки маъмулии миллӣ, ки аз хамир, гӯшти қимма равғани дунба, намак ва адвиёт тайёр карда , дар буғ пухта мешавад. манту вобаста ба маҳсулот гӯштӣ, кадугӣ, картошкагӣ, турбӣ мешаванд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0033 | НОН | Намуди асосии хӯроки тоҷикон, аз орди гандум, хамирмоя, намак, об, тайёр карда, дар танӯр пухта мешавад. Нон хурду калон, ғафсу тунук, таркибан гандумӣ, ҷавӣ, арзанӣ, навъаш ширмол, ҷаззадор, ҷурғотӣ гӯштӣ мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0034 | ШИРБИРИНҶ | Як намуди таоми миллии тоҷикӣ, аз шир, биринҷ, намак тайёр карда мешавад. Хӯроки субҳона ва идонаи парҳезӣ, мувофиқи матлаб ба рӯяш шакар пошида, равған рехта мехуранд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0035 | ШӮРБО | Аз навъи маъмулии таомҳои тоҷикӣ. Шӯрбо аз гӯшт, пиёз, нахӯд, сабзӣ, картошка, шал гам помидор, каду ва лубиё тайёр карда мешавад. вобаста ба масолеҳ бештар аз бист намуди шӯрбо маълум аст. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0036 | ШИРКАДУ | Таркиби он аз каду об, шир, намак иборат аст. Кадуро хурд реза карда, дар шир меҷӯшонанд. Аз ҷумлаи ғизоҳои қадимаи тоҷикӣ, парҳезӣ ва латифу хушхӯр. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0037 | ШИННӢ, *ширинӣ* | Шарбате ки аз меваи расида ва шираи ангур, тут, харбуза, тарбуз, себ, гирифта дар натиҷаи полуда ҷушонидан ҳосил карда мешавад. хосияти шифобахшӣ дорад. | Кӯҳистони Қаротегин Бадахшон | Нимфаъол |
| F0038 | | Таркибан аз шир, равғани зард ва ё гӯсфанд иборат аст. Ширро ҷӯшонида мӯвофиқи табъ ба он равған ҳамроҳ | Минтақаҳои | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ШИРРАВҒАН | мекунанд, барои хӯшхӯрӣ ширинӣ меандозанд. Таоми миллии парҳезии субҳона | кӯҳии Ҷ Т | Нимфаъол |
| F0039 | ШИРЧОЙ | Аз таоми миллии субҳонаи тоҷикон, ки аз ҳамроҳ ҷӯшонидани об, намак, шир, чой ва ё гиёҳи дигари шифобахш ҳосил карда мешавад. хусусияти парҳезӣ дорад. | Саросари кишвар | Нимфаъол |
| F0040 | ШАВЛА | Навъе аз таоми миллии тоҷикӣ. Аз равған, биринҷ, об, гӯшт, пиёз тайёр карда мешавад, ба он мувофиқи завқ гиёҳҳои шифобахш ҳамроҳ мекунанд. Шавла хӯроки парҳезӣ, зудҳазмшаванда аст. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0041 | ШАКАРОБ | Навъе аз хӯроки миллии тоҷикӣ. Нони фатири гарми равғанинро дар табақ реза карда болояш оби ҷӯш мерезанд, ба он кабудӣ, помидор ва чакка ҳамроҳ мекунанд ва меомезанд. Баъзеҳо равғани зағир ё пахта низ илова мекунанд. Хӯроки сабуки парҳезии тобистона аст. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0042 | ФАТИРМАСКА | Хӯроки миллии тоҷикӣ, ки аз фатири гарм ва равғани зард бо усули ғавҷидан тайёр карда мешавад. Хӯроки серғизо, зудтайёр ва сафарӣ мебошад. | Ноҳияҳои баландкӯҳи Тоҷикистон | Нимфаъол |
| F0043 | ГАНДУМКӮЧА,<br>*Оши кӯча, кашк, далда* | Аз ҷумлаи таомҳои қадимаи мардуми тоҷик, ки дар баҳор бештар таҳия мешавад. Гандуми кӯфтаро бо нахӯд, лӯбиё, мош ҷӯшонда, ба он каллапоча низ ҳамроҳ мекунандю Ҳангоми ба пухтан наздик омаданаш, пиёзи сафед ва гиёҳҳои шулхаву пудина, ҷаъфарӣ ва ғайра илова менамоянд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| F0044 | САМБӮСА | Навъе аз хӯроки нонии тоҷикӣ, ки дар танӯр ётафдон пухта мешавад. Самбӯсаро бо гӯшту пиёз, каду, карам, картошка ва алафҳои баҳорӣ тайёр мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0045 | ЯЛАМА | Намуди хӯроки мардуми тоҷик, аз бириинҷ, анвои ғалладона, алафҳои баҳорӣ, гӯшт ва равған пухта мешавад. | Вилояти Суғд, водии Ҳисор | Нимфаъол |
| F0046 | МОШКИЧИРӢ, *Мошбиринҷ* | Навъе аз хӯроки миллии тоҷикон, аз мош, биринҷ, об, намак, кабудӣ ва гиёҳои хушбӯй тайёр карда мешавад. Мошбиринҷ равғанӣ ва ширӣ мешавад. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0047 | ПАЛАВ *оши палав* | Оши палав шоҳи таомҳои тоҷикист, аз биринҷ, гӯшт, равған, сабзӣ, пиёз, об тайёр карда мешавад, барои лаззатбахш шуданаш мурч, зира, сирпиёз, мавиз, нахӯд ҳамроҳ мекунанд. Палав намудҳои гуногун дорад: сафед, сурх, зард, баргитокӣ, пӯстдумбапалав ва ғ. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0048 | ПИЁБА | Навъе аз хӯроки қадима, ки аз пиёз, равған ва об таҳия мешуд. Пиёзро дар равған бирён карда, ба он об ҳамроҳ мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |
| F0049 | МАСТОБА | Хӯроки анъанавии тоҷикон, ки аз биринҷ, равған, гӯшт, обу намак, нахӯд, лӯбиё, адвиёт ва гиёҳҳо таҳия мешавад. Ба он чакка ва сабзиҷот реза карда, илова менамоянд. | Саросари кишвар | Фаъол |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| F0050 | ЧОЛОБ | Хӯроки сабуки тобистона, ки аз чакка, об, намак, гашнич, бодиринг, помидор, қаламфур ва баъзе адвиёти дигар таҳия мешавад. Чаккаро об карда, намак меандозанд ва ба он сабзавоти мазкурро реза карда меандозанд ва дар шакли сард онро истеъмол мекунанд. | Саросари кишвар | Фаъол |